Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

29 июни соли 2022
Чоршанбе
№ 52 (14857)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# ИМКОНОТИ НАВ БАРОИ РУШДИ ПАХТАКОРӢ ВА СОҲАИ БОФАНДАГӢ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**Зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 28 июн ҷамъомади видеоселекторӣ доир ба чорабиниҳои баланд бардоштани ҳосилнокии пахта ва афзудани содироти маҳсулоти бофандагӣ баргузор гардид.**

Соҳаи саноати бофандагӣ барои таъминоти содирот ва шуғл зарфияти калонро молик аст.

Аз ин рў бо ташаббуси Президент дар соҳа пурра низоми кластер татбиқ гаштааст. Дар се соли охир барои кластерҳои пахтаву бофандагӣ беш аз 23 триллион сўм захираи имтиёзнок ҷудо карда шудааст. Ғайр аз ин, онҳо қариб 7 триллион сўм маблағи худро сармоягузорӣ намуданд.

Дар натиҷа қариб 350 фабрикаи калон ба баҳрабардорӣ супурда шуд. Ҳаҷми истеҳсолот дар муқоиса бо соли 2016 5 баробар афзуд, содирот 4 баробар зиёд гардида, қариб ба 3 миллиард доллар расид.

Агар панҷ сол пеш танҳо 40 фоизи нахи пахтаи дар мамлакат тайёршуда аз нав кор карда шавад, имрўз ин рақам ба 100 фоиз расидааст.

Иқтидорҳои азнавкоркард ба 1,3 миллион тонна расид. Аммо дар амал 1 миллион тонна нах истеҳсол мегардад. Бо суханони дигар ифода намоем, 300 ҳазор тонна намерасад. Интизор меравад, ки дар зарфи панҷ соли оянда норасоӣ боз ба 600 ҳазор тонна меафзояд.

Ҳаҷми табдили калоба ба маҳсулоти тайёр инчунин паст, яъне 23 фоиз аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳар сол имкони ба даст овардани 9 миллиард доллар даромад аз даст меравад.

Имрўз дар саноати бофандагӣ 400 ҳазор нафар кор мекунанд. Агар тамоми низомро дар асоси бархурди илмӣ ва технологияи замонавӣ дуруст ташкил намоем, теъдоди ҷойҳои корро то 1 миллион зиёд намудан мумкин аст, таъкид гардид дар ҷамъомад.

Бинобар ин имконоти баланд бардоштани ҳосилнокии пахта дар асоси илман асоснок намудани тухмипарварӣ ва агротехнология, дучанд намудани содироти соҳа аз ҳисоби азнавкоркарди амиқи ашё муҳокима гардид.

Барои ин, дар навбати аввал, дастрасии собит ба ашёи сифатнок зарур мебошад. Навъҳои пахта бо ҳосилнокии то 100 сентнер, ки аз ҷониби олимонамон ба вуҷуд оварда шудааст, то пахтакорон намерасад.

Он нукта, ки дар солҳои охир ҳарорати шаб ва рўз баробар гардид, хелҳои нави ҳашароти зараркунанда паҳн мегарданд, кашф намудани навъҳоеро тақозо менамояд, ки ба ин шароит тоқатоваранд. Усулҳои порудиҳии пахтаро дигар бояд кард, истифодаи гербисид ва пестисидҳоро ба тартиб бояд андохт.

Аз ин рў, роҳбари давлат дар назди Президент ба вуҷуд овардани Шўрои пахтакориро бо роҳбарии вазири рушди инноватсионӣ пешниҳод намуд.

Ин шўро ҳар сол нумўъ ва коштани навъҳои серҳосил ва зудпазро бинобар минтақаҳо ва кластерҳо муайян менамояд, схемаи порудиҳиро тайёр мекунад, ки ба тағйироти иқлим ва ҳарорат мутобиқанд, истифодаи гербисид ва пестисидҳоро ба танзим медарорад. Инчунин усулҳои муносиби агротехнологии ба ҳар як минтақа муносиб барои мубориза бар зидди ҳашароти зараркунанда таҳия карда мешавад. Бо ин мақсадҳо дар назди шўро маркази илмӣ таъсис меёбад.

Президент таъкид кард, ки дар ҳар як кластер лабораторияи тухмӣ, хок ва биологӣ ва инчунин сехи омодакунандаи тухмӣ бояд вуҷуд дошта бошанд.

Масъалаи сарфаи об ба миён омад. Дар ду соли охир усули обшорсозӣ дар 169 ҳазор гектар майдони пахтаи мамлакат татбиқ гаштааст. Аммо бисёр кластерҳо, хусусан фермерон, ҳангоми татбиқи ин технология бо машаққатҳо дучор мегарданд, аз он ҷумла ба сабаби харҷи зиёд.

Таъкид шуд, ки дар сурати рақобати озод дар соҳа ва бархурди илмӣ харҷро барои татбиқи обшорсозӣ дар ҳар гектар то 15-20 миллион сўм кам кардан мумкин аст. Аз ин рў, вазифаи дар портали махсуси электронӣ дохил намудани тамоми гузорандагони технологияи сарфакунандаи об, ба вуҷуд овардани низоми шаффоф гузошта шуд, ки нархи технологияи сарфакунандаи об ва сифати хидматро муайян мекунад.

Муайян карда шуд, ки кафолатҳои ҳуқуқии фаъолияти кластерҳо пурзўр карда шуда, дар як ноҳия ташкили на бештар аз ду кластер мумкин мегардад.

Дар ҷамъомад масъалаҳои афзудани истеҳсолот ва содироти маҳсулоти тайёр муҳокима гардиданд. Бинобар ин ба вуҷуд овардани минтақаҳои алоҳидаи саноатӣ бо шароити васеъ барои соҳибкорон ба нақша гирифта шудааст. Ба Вазорати сармоя ва савдои хориҷӣ вазифаи ба идора ҷалб намудани ширкатҳои хориҷӣ ва ба истеҳсолот — брендҳои машҳур супурда шуд.

– Пас аз бекор шудани байкот ба пахтаи мо ширкатҳои хориҷӣ барои ҳамкорӣ намудан бо корхонаҳои маҳаллӣ, ба маҳсулотамон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Агар ба минтақаҳоямон брендҳо наоянд, рақобати маҳсулоти ватанӣ дар бозори ҷаҳон мушкил мегардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Таъкид шуд, ки ба содиркунандагони маҳсулоти насоҷӣ ва матоъи ранга дар ҳаҷми то 10 фоиз субсид дода шуда, ҳамчунин авиарейсҳои алоҳида барои бурдани маҳсулоти тайёр ба брендҳои хориҷӣ пешниҳод мегардад. Дар бобати ташкили истеҳсоли фурнитура ва аксессуарҳо барои брендҳо вазифа гузошта шуд.

Дар бобати минбаъд васеъ намудани механизмҳои дастгирии корхонаҳои бофандагӣ чорабиниҳо муайян гардиданд. Аз он ҷумла, Агентии пешбурди содирот барои корхонаҳои содиркунанда дар ҳаҷми то 5 миллион доллар барои сарпур намудани маблағи табодулӣ захира ҷудо мекунад. Ҳадди майдони анборҳо дар хориҷа, ки харҷи иҷораи онҳо бояд ҷуброн карда шавад, аз 100 то 500 метри мураббаъ меафзояд. Ба ин мақсадҳо ба агентӣ 100 миллион доллар ҷудо карда мешавад.

Роҳбари давлат ногузирии ба стандартҳои байналхалқии ҳисоботи молиявӣ гузаштани корхонаҳои бофандагиро таъкид намуд.

– Ин барои ба бозорҳои ҷаҳон баромадан, ҳамкорӣ бо брендҳои хориҷӣ ва ҷалби кредитҳои бевосита роҳ мекушояд, – гуфт Президент.

Инчунин чорабиниҳо доир ба бетанаффус таъмин намудани корхонаҳои бофандагӣ бо ашёи хом муайян карда шуданд. Дар заминаи мунтазам ба биржа баровардани нахи пахта ва калоба, такомули низоми ҳисобу китоби онҳо тавсияҳо дода шуд.

Таъкид шуд, ки барои соҳа мудирияти андоз ва гумрук сода гардонда, аз он ҷумла, тартиби азнавкоркарди ашёи хом дар ҳудуди гумрук сода карда мешавад.

Ба масъалаи тарбияи кадрҳо эътибори алоҳида нигаронда шуд. Донишкадаи бофандагӣ ва саноати сабук ва Технопарки бофандагии Ўзбекистону Куриё муттаҳид гардонда шуда, аз соли хониши нав ба донишкада низоми таълими дуалӣ татбиқ гардонда мешавад.

Аз рўи масъалаҳое, ки дар ҷамъомад муҳокима гардиданд, фикрҳои ҷонишинони Сарвазир, шахсони масъули соҳа, ҳокимон ва соҳибкорон шунида шуд.

**ЎзА.**

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ДАСТГИРИИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАВӢ ВА РУШДИ СОҲАИ ЖУРНАЛИСТИКА

Ба мақсади татбиқи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 28 январи соли 2022 № ФП-60 тасдиқ шудааст, пурзўр гардондани ҳифзи манфиатҳои қонунӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи фаъолияти воситаҳои ахбори оммавӣ, инчунин минбаъд баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии кадрҳо ва рушди соҳаи журналистика:

1. Муқаррар карда шавад, ки:

а) дар давраи **аз 1 июли соли 2022 то 1 июли соли 2025:**

воситаҳои ахбори оммавӣ **андози даромадро** аз рўи меъёри андозе, ки нисбат ба меъёри муқарраршудаи андоз **ба андозаи 50 фоиз** кам карда шудааст, ба истиснои воситаҳои ахбори оммавии дорои хусусияти таблиғотӣ пардохт мекунанд;

таҷҳизоти табъу нашр, воситаҳои замонавии сурат ва радиотелевизионӣ, инчунин коғаз, ки дар Ҷумҳурии Ўзбекистон истеҳсол намешаванд, бинобар рўйхати ба тартиби муқарраргардида ташаккулёфта оварда мешаванд, **аз боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд**;

б) аз соли 2023 **амалияи бепул фиристодани 110 нусха** нашриёҳои даврӣ ва **67 нусха** маҳсулоти китобӣ бекор карда шуда, тартиби аз ҷониби мақомоту ташкилотҳои дахлдори давлатӣ, инчунин дигар муассисаҳо **харидории маҳсулоти чопӣ** (ба истиснои Китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Алишер Навоӣ) ҷорӣ карда мешавад. Дар баробари ин аз Буҷети давлатӣ барои харид кардани мақомоти дахлдори давлатӣ маблағ ҷудо карда мешавад;

в) ба ташкилотҳои буҷетӣ иҷозат дода мешавад, ки аз ҳисоби моддаи хароҷоти «фонди китобхона»-и онҳо маблағро барои **обуна ба нашриёҳои даврии чопӣ, шаклҳои электронии онҳо**, инчунин воситаҳои ахбори оммаи электронӣ фиристанд.

2. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он аз 1 октябри соли 2022 **ҳар сол барои 30 лоиҳаи беҳтарин оид ба офаридан ва пахши маҳсулоти телевизион ва радиои барои кўдакон пешбинишуда** озмун эълон карда шавад, ки арзиши ҳар кадоми он то 300 баробари андозаи ҳисоби асосӣ мебошад. Ҳамзамон, ин хароҷот аз ҳисоби маблағи Буҷети давлатӣ, ки ба таври илова ба Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ ҷудо карда мешавад, пўшонда мешавад.

(Давомаш дар саҳ.2).




*Дар ноҳияи Фурқати вилояти Фарғона аз ҷониби ҶММ «Атлас инвест Фурқат» лоиҳаи дар Осиёи Марказӣ ягона – истеҳсоли гўгирди хоҷагӣ ва ба хориҷи кишвар содир намудани он роҳандозӣ мегардад.*

*Дар ҳоли ҳозир дар корхона 60 ҷойи корӣ фароҳам оварда шудааст. Вақте лоиҳа пурра ба кор шурўъ мекунад, барилова, 60 нафар занону духтарон бо шуғл фаро гирифта хоҳанд шуд. Бояд таъкид намуд, ки ба корхона ашёи хоми асосӣ – чўб зина ба зина аз Русия оварда мешавад. Ҳамчунин, барои маҳалликунонии масолеҳи он чораҳо андешида мешаванд. Ба ин мақсад барои аз сафедор гўгирдчўб ҳосил кардан таҷриба мегузаронанд. Дар назар аст, ки сафедорзорҳо бунёд карда шаванд.*

***Дар акс:*** *дар ҶММ «Атлас инвест Фурқат».*

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

**Нуқтаи назари депутат**

# ҲЕҶ КАС АЗ ЭЪТИБОР ДУР, БО МУШКИЛОТИ ХУД ТАНҲО НАМЕМОНАД

***Дар мамлакатамон оид ба баланд бардоштани шуғл, даромади воқеии аҳолӣ, беҳтар гардондани сатҳи зиндагӣ ва шароити зисти мардум, дар шаҳрвандон бедор намудани ҳисси соҳибкорӣ, офаридани ҷойҳои нави корӣ ва коҳиш додани камбизоатӣ пайваста ислоҳот татбиқ мегарданд.***

Аз ҷумла, дар байни аҳолӣ мавҷуд будани камбизоатӣ ошкоро эътироф гардида, бобати ҷиддӣ шуғл варзидан бо ин мушкилот корҳо оғоз ёфтанд. Дар бобати фаровонии халқ мақсаду вазифаҳои ниҳоят калон гузошта шуда, иҷрои онҳо шурўъ гардиданд. Заминаи институтсионалии коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ офарида шуда, барои ҳамоҳангсозии ин масъалаҳо вазорат таъсис ёфт.

Бешубҳа, роҳи дуруст ва самарабахши барҳам додани сатҳи камбизоатӣ аз баланд бардоштани дараҷаи шуғли аҳолӣ иборат аст. Муҳайё намудани кори муносиб ва сердаромад барои мардум қадами далерона ба сўи мақсад аст. Дар ин ҷараён лозим меояд, ки дар деҳот барои соҳибкорӣ шароити зарурӣ, барои тиҷорат фазои мусоид фароҳам оварда, ба ҷавонон касбу ҳунар омўзонда шавад.

Инчунин вусъат додани низоми таълими касбӣ, бозомўзӣ ва такмили ихтисоси шахсони ба кор эҳтиёҷманд, бо назардошти эҳтиёҷоти бозор андешидани чораҳое, ки ба муҳайё намудани шароити мақбул нигаронда шудаанд, аҳамияти калон дорад.

Солҳои охир оид ба баланд бардоштани даромади воқеӣ ва қобилияти харидории аҳолӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар байни аҳолӣ, пурра ба рўйи об баровардани нерўи ботинӣ ва иқтидори инсон, таъсиси ҷойҳои нави корӣ сиёсати ҳамаҷонибаи иқтисодию иҷтимоӣ ба амал бароварда мешаванд, ки самараҳои худро мебахшанд.

Аммо имрўз худи замон ҷорӣ намудани равиши ҳамаҷониба ва усулҳои ғайристандартии коҳиши камбизоатиро тақозо мекунад. Сабаб дар он аст, ки мамлакати мо захираҳои бойи меҳнатӣ дорад ва ҳар сол ҳазорҳо ҷавонон ба бозори меҳнат ворид мешаванд.

Бесабаб Президент Шавкат Мирзиёев 20 июни соли равон ҳангоми мулоқот бо аъзои Комиссияи конститутсионӣ пешниҳод накард, ки дар Конститутсияи мо тамоюли «Ўзбекистон – давлати иҷтимоӣ» мустаҳкам карда шавад. Зеро, мафҳуми «шаъну шарафи инсон» бо мафҳуми «давлати иҷтимоӣ» алоқаи зич дорад. Дар асоси ин ғоя, пеш аз ҳама мақсади наҷибонаи гиромидошти инсон, хидмат кардан ба инсон ниҳон аст.

Давлати иҷтимоӣ бошад, дар асоси тамоюлҳои баробарҳуқуқии иҷтимоӣ ва адолат ба ҳар кас шароити муносиби зиндагӣ фароҳам меорад. Сабаб дар он аст, ки он намунаи давлатест, ки барои коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ ва кумак ба ниёзмандон сиёсати самарабахш пеш мебарад.

Давлати иҷтимоӣ низ яке аз чорабиниҳои муҳимест, ки ба таъмини ҳаёти осоиштаи шахс ва оилаи ў, бо кор таъмин намудани аҳолӣ, фароҳам овардани шароити бехавфи меҳнат ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронда шудааст, ки ба эҳтиёҷмандон додани манзил, миқдори ҳадди ақалли молҳои истеъмолии барои зиндагӣ зарурро таъмин мекунад.

Инчунин ҳимоя аз бекорӣ, таҳсилоти босифати кафолатнок, хидматрасонии тиббии соҳибихтисос, имконияти баробар барои ҳама, дастгирии ҳамаҷонибаи оила, кўдакон, занон, пиронсолон, маъюбон низ аз вазифаҳои асосии давлати иҷтимоӣ ба шумор меравад. Аз ин рў, агар соҳибкорӣ дар минтақаҳо барои ҳаёти фаровони аҳолӣ дастгирӣ карда шавад, ҷавонон бо кор таъмин гарданд, сатҳи камбизоатӣ коҳиш меёбад. Вақте ки камбизоатӣ коҳиш меёбад, вазъият дигар мешавад, дар ҷомеа, ҳаёти мардум дигаргунӣ ба амал меояд.

Ба ин муносибат Конститутсия бояд ўҳдадориҳои давлатро оид ба ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони мо ба манзил, таъмини дахлнопазирии он, бо манзил таъмин намудани тамоми табақаҳои аҳолӣ, махсусан ниёзмандонро пурзўр намояд. Зеро инсоне, ки хона дорад, андеша надорад, хотираш ҷамъ мешавад, ба оянда дилпурона нигоҳ карда, ба офарандагӣ саъй менамояд.

Хуллас, дар замири ислоҳоти муҳими сиёсие, ки имрўз дар мамлакатамон татбиқ мегарданд, мақсадҳои неки таъмин кардани осоиштагӣ, бахту иқбол, саодати халқ ниҳон аст. Зеро, дар давлати иҷтимоӣ ҳеҷ кас аз эътибор дур, дар гирдоби мушкилоти худ танҳо намемонад.

**Одинахон ОТАХОНОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

# БА КОРМАНДОНИ МАТБУОТ ВА ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАВӢ

Муҳтарам кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ!

Дўстони азиз!

Шумо ва собиқадорони соҳаро, ки имрўз ба пешрафти он саҳми арзанда мегузоред, бо иди фархунда – Рўзи кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ самимона табрик гуфта, эҳтироми амиқ ва орзуҳои беҳтарини худро ба ҳамаи шумо баён менамоям.

Дар симои шумо мо одамони фидокору меҳнатдўстеро мебинем, ки донишу истеъдод ва маҳорати амиқи худро барои чунин корҳои наҷиб, ба мисли таъмини ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон дар соҳаи иттилоот, гиромидошти қадри инсон, баланд бардоштани сатҳи худшиносӣ ва васеъ гардондани ҷаҳонбинии ҳамватанон, таҳкими фазои ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар ҷомеа, ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ мебахшанд.

Мардуми мо хуб дарк ва баланд қадр мекунад, ки имрўз, вақте Ўзбекистон ба марҳилаи нави муҳими рушди худ қадам мегузорад, намояндагони медиасоҳа – рўзноманигорону муҳаррирон, режиссёру наворбардорон, блогерҳо, кормандони телевизиону радио, рўзномаву маҷаллаҳо, нашриёт ва матбааҳо — дар ташаккули симои демократии мамлакат, дар ҷаҳон шуҳрат пайдо кардани он саҳми калон мегузоранд.

Ҳамватанони азиз!

Солҳои охир дар ҷумҳурӣ ҷиҳати ба пули боэътимоди муколама бо мардум табдил додани воситаҳои ахбори оммавӣ, рушди бозори замонавии хидматрасонии иттилоотӣ, рақобати солим байни ВАО, мустаҳкам кардани заминаи моддию техникии онҳо, пурзўр гардондани анъанаҳои устоду шогирд, муносиб ҳавасманд гардондани меҳнати пурҷўшу хурўши кормандони соҳа корҳои васеъмиқёс ба амал бароварда мешаванд.

Ба шарофати чунин таваҷҷуҳи зиёд шумораи воситаҳои ахбори оммавӣ дар кишвар нисбат ба соли 2016 қариб 30 фоиз афзуда, 1962 ададро ташкил медиҳад. Махсусан расонаҳои хусусӣ дар ҳаёти мо ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунанд, ки ин омили муҳими таъмини гуногунандешӣ дар ҷамъият мебошад, ки ба татбиқи ислоҳоти куллӣ, далерона равшан намудани камбудиву мушкилот дар маҳалҳо мусоидат мекунад.

Дар ин бора сухан ронда, бояд гуфт, ки ба мақсади ҳамгироии телевизион ва Интернет платформаи замонавии интернетӣ ва замимаи мобилии он ба вуҷуд оварда шуда, дар фазои иттилоотии миллӣ шумораи нашриёҳои интернетӣ дар шаш соли охир қариб ду баробар афзуда, ба 677 расид.

Дар натиҷа дар созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ манбаъҳои ахбор боз ҳам бештар гардида, барои муколамаи бевосита бо аҳолӣ, зуд инъикос намудани мушкилоте, ки мардумро ба ташвиш мегузоранд, баромадҳои ошкоро, объективона ва танқидӣ дар воситаҳои ахбори оммавӣ дар мавзўъҳои гуногун имкониятҳои васеъ фароҳам оварда мешавад.

Имрўз дар соҳаи иттилоот дар назди мо вазифаи таъхирнопазир гузошта шудааст, ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба нишондиҳандаҳои сифатӣ табдил дода, журналистикаи миллӣ ба зинаи нави рушд бароварда шавад.

Медиа-компанияҳои Ўзбекистон инчунин дар арсаи ҷаҳонии иттилоотӣ майдони муносибро ишғол намуда, кўшиш менамоянд дар раванди ҷаҳонии ҷамъиятию сиёсӣ фаъол иштирок намоянд.

Бо ин мақсадҳо пайваста кор кардан, таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, технологияҳои замонавии иттилоотӣ ва усулҳои таҳлилиро аз худ кардан, ҳамеша дар ҷустуҷў будан, насли нави журналистикаи миллии моро тарбия кардан зарур аст.

Мо барои ноил шудан ба чунин марҳилаҳои баланд, ки дар Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав инъикос ёфтааст, тамоми захираву имкониятҳоро дорем.

Боз як вазифаи аввалиндараҷа фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои шаҳрвандони мо дар соҳаи иттилоот, баланд бардоштани нақш ва нуфузи воситаҳои ахбори омма дар амалӣ намудани назорати ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ мебошад.

Махсусан қайд кардан лозим аст, ки мо минбаъд ҳам ба беҳтар намудани пойгоҳи моддию техникии соҳа ва ҳавасманд гардондани меҳнати коркунони он доимо диққат медиҳем.

Қадами муҳим дар ин самт қарори ба наздикӣ дар бораи дастгирии воситаҳои ахбори оммавӣ ва рушди минбаъдаи журналистика қабулшуда буд. Дар он тадбирҳо оид ба пурзўр намудани ҳимояи манфиатҳои қонунии ВАО, боз ҳам баланд бардоштани нерў ва рақобатпазирии кадрҳо, бо манзил таъмин кардани рўзноманигорони ҷавоне, ки ба он ниёз доранд, пешбинӣ шудаанд.

Инчунин, соли равон дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳамаи марказҳои вилоятӣ ва шаҳри Тошканд ҳолати Хонаҳои матбуот аз нуқтаи назари танқидӣ омўхта, оид ба сохтмони биноҳои нав чораҳои зарурӣ қабул карда мешаванд.

Чунон ки маълум аст, мувофиқи тамоюлҳои аз тарафи умум эътирофшудаи байналхалқии демократӣ озодии матбуот дар байни ҳамаи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Албатта, дар ин соҳа дар баробари муваффақиятҳо мушкилот низ дорем.

Вақтҳои охир дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз маҳалҳо дар бораи далелҳои беэътиноӣ нисбат ба кормандони ВАО, монеъ шудан ба фаъолияти озоди хабарнигорон дар доираи салоҳияташон хабарҳо пахш мешаванд, ки далели ин фикрҳост.

Ба ин муносибат, бори дигар таъкид кардан мехоҳам: дар давлати демократие, ки мо бунёд карда истодаем, озодии баён ва матбуот ҳамеша аз ҷониби Конститутсия, қонунҳо ва Президенти кишвар ҳифз карда мешавад.

Ба монеъ шудан ба фаъолияти озодонаи қонунии кормандони ВАО ҳамчун акси амал ба ислоҳоти демократии мо, расондани зиён ба қудрати кишвар баҳо додан лозим аст. Мақомоти суд ва прокуратура аз рўйи чунин далелҳои манфӣ, ки барои мо тамоман қобили қабул нестанд, бояд чораҳои қатъӣ бинанд.

Мо набояд як ҳақиқатро фаромўш кунем: ҳамаи мо шогирдони мактаби бузурги ба ном демократия мебошем. Мо бояд дар ин роҳ ба муваффақиятҳои бисёре ноил шавем. Боварӣ дорам, ки намояндагони матбуоту расонаҳои хабарӣ, ки мавқеи устувори шаҳрвандӣ доранд, таҷрибаи ғании касбию ҳаётӣ доранд, собиқадорони арҷманди соҳа дар тарбияи насли наврас барои мо намуна хоҳанд буд.

Дўстони азиз!

Ба муносибати иди имрўза ба як гурўҳ коркунони соҳа мукофотҳои олии давлатӣ супурда шуданд, ки ин бешубҳа ҳамаи шуморо ба комёбиҳои нав ба нав руҳбаланд намуда, қувваю ғайрат мебахшад.

Аз фурсат истифода бурда, шумо, устодони муҳтарами суханро, бори дигар аз самими қалб, ба муносибати ин иди фархунда табрику таҳният гуфта, ба ҳамаи шумо саломатӣ, хушбахтӣ ва муваффақиятҳои бузурги эҷодӣ, ба хонадони шумо сулҳу оромӣ ва файзу баракот таманно дорам.

**Шавкат МИРЗИЁЕВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА ДАСТГИРИИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММАВӢ ВА РУШДИ СОҲАИ ЖУРНАЛИСТИКА

(Аввалаш дар саҳ.1).

3. Бо мақсади ҳавасмандгардонии мунтазами рӯзноманигорони фаъол ва ташаккули фазои рақобати солими созанда дар байни онҳо дар ҳар семоҳа:

ба муаллифон (аъзоёни гурӯҳҳои эҷодӣ) барои то **100 материали беҳтарини** дар ВАО интишоргардида бо тартиби афзоиши зерин аз андозаи камаш то 50 баробари миқдори андозаи асосии ҳисоб мукофоти пулӣ дода мешавад;

барои дарёфти грантҳои давлатӣ ва **фармоишҳои** давлатии **иҷтимоӣ** ҷиҳати омода намудан ва дар воситаҳои ахбори оммавӣ интишор намудани **то 100 маводи беҳтарини таҳлилии** дорои аҳамияти амалӣ ва муҳим озмун эълон карда мешавад.

Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ (А.А.Ходжаев) **платформаи махсуси электронӣ – низоми электронии аз ҷониби ҷомеаи васеъ ва коршиносони соҳибихтисоси мустақил муайян кардани** маводи беҳтаринро бо усули рӯшод ва шаффоф ба кор дарорад.

Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои дар ҳамин банд пешбинишуда аз ҳисоби Фонди дастгирии рушди соҳаи ахбор ва коммуникатсияҳои оммавии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин дигар манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, пардохта мешавад.

4. Аз соли 2023 сар карда ба ташкили Озмуни анъанавии байналмилалии Ҷоизаи миллии «Олтин қалам», ки ҳамасола **дар асоси принсипҳои демократӣ дар шакли ошкоро ва шаффоф** миёни рӯзноманигорон баргузор мешавад, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, барандагони **Ҷоизаи миллии «Олтин қалам»** сарфароз гардонида шаванд :

**барои мукофоти асосии миллӣ — автомобил;**

барои ҷойи якум — мукофоти якдафъаинаи пулӣ ба андозаи 200 баробари арзиши асосии ҳисоб;

барои ҷойи дуюм — мукофоти якдафъаинаи пулӣ ба андозаи 175 баробари арзиши асосии ҳисоб;

барои ҷойи сеюм — мукофоти якдафъаинаи пулӣ ба андозаи 150 баробари арзиши асосии ҳисоб;

барои ҳар кадоми 12 номинатсияи ҳавасмандгардонӣ — мукофоти якдафъаинаи пулӣ ба андозаи 100 баробари арзиши асосии ҳисоб.

Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти вобаста ба баргузории Озмуни байналмилалии Ҷоизаи миллии «Олтин қалам» аз ҳисоби маблағҳои Фонди ҷамъиятии «Илҳом» пардохта мешавад.

5. Тартибе муқаррар карда шавад, ки мувофиқи он:

а) **тамоми мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ таъсиси шакли замонавии электронии нашрияҳои чопии davриро**, ки муассисашон онҳо мебошанд, аз ҷумла замимаҳои мобилии онҳоро аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатии ба мақомот ва ташкилотҳои дахлдори давлатӣ барои солҳои 2022-2024 ҷудогардида, маблағҳои ғайрибуҷетии онҳо ва дигар манбаъҳое, ки бо санадҳои қонунгузорӣ манъ нашудаанд, ташкил намоянд, дар солҳои минбаъда барои навсозии онҳо мунтазам маблағ ҷудо мекунанд;

б) аз соли 2023:

то 1 январи соли 2026 **барои 20 лоиҳаи беҳтарини эҷод ва модернизатсия, аз ҷумла пӯшондани хароҷот барои дар тӯли як сол нигоҳ доштани шакли замонавии электронии** нашрияҳои даврӣ, ки муассисони онҳо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо нестанд, аз ҷумла **замимаҳои мобилии** онҳо пас аз бақайдгирии давлатиашон камаш ду сол сипорӣ шудааст, ҳар сол озмун эълон карда мешавад. Дар баробари ин, ба ҳар як озмун аз ҳисоби маблағи Фонди дастгирии рушди соҳаи иттилоотӣ ва коммуникатсияҳои оммавии Ҷумҳурии Ӯзбекистон то миқдори 100 баробари андозаи асосии ҳисоб маблағ ҷудо карда мешавад;

**Платформаи ягонаи электронии "Обуна"**, аз ҷумла **замимаи мобилии** он таъсис дода мешавад, ки имкони обунаи фосилавӣ ва пайгирии саривақтии нашрияҳои даврии чопӣ, китобҳо ва дигар маҳсулоти полиграфиро ба муштариён фароҳам меорад;

то 1 январи соли 2026 **10 фоизи** арзиши обуна ба нашрҳои чопии даврии иҷтимоию сиёсӣ, маънавию маърифатӣ, адабиву бадеӣ, ҳуқуқӣ, илмию оммавӣ ва **20 фоизи** арзиши обуна ба нашрҳои чопии даврии **барои бачаҳо пешбинишуда**, ки аз ҷониби шахсони ҷисмонӣ ба воситаи Платформаи ягонаи электронии "Обуна" анҷом дода шудааст, ба кортҳои бонкии обуначиён дар тӯли як моҳ аз ҳисоби **Буҷаи давлатӣ ("Cashback")**, ба истиснои нашрҳои даврии чопии хусусияти рекламавӣ дошта **баргардонда мешаванд**.

Ҳамзамон, ин хароҷоти мазкур аз ҳисоби Буҷети давлатӣ, ки ба Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия ба таври иловагӣ ҷудо карда мешавад, ҷуброн карда мешаванд.

Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия (Ш.Х.Шерматов) ва Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ (А.А.Хоҷаев) то охири соли 2022 аз ҳисоби Фонди рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ созмон додан, бо системаҳои пардохтҳои электронӣ муттаҳид кардан, таъмини навсозӣ, дастгирии техникӣ ва фаъолияти пайвастаи платформаи ягонаи электронии «Обуна», аз ҷумла замимаи мобилии онро таъмин кунанд.

6. Бо мақсади ҳамгироӣ бо амалияи раванди тайёр кардани кадрҳои соҳаи журналистика, **такмили ихтисоси** кадрҳо ва **ҳавасмандгардонии омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз ҷониби журналистон аз** 1 сентябри соли 2022:

а) аз нуқтаи назари ҳавасмандгардонии моддии профессорону омӯзгороне, ки бинобар самти журналистика дар муассисаҳои таълими олӣ дарс медиҳанд, барномаҳои муаллифӣ, намоиш ва мақолаҳои бузурги таҳлилии онҳо ба мақолаҳои илмӣ баробар карда мешаванд;

б) аз рӯйи шартҳои музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии моддӣ ба шахсоне, ки на камтар аз панҷ сол дар таҳририяҳои воситаҳои ахбори омма, нашриёт, корхонаҳои табъу нашр ва хадамоти матбуотӣ кор карда, дар ин самтҳо дар мактабҳои олӣ омӯзгорӣ кардаанд, **бо унвонҳои фахрии Ҷумҳурии Ӯзбекистон сазовор шудаанд**, ба шахсони дорои унвони илмии «профессор» ва «дотсент» мутобиқи замимаи № 1 баробар карда мешаванд;

в) ба ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳуқуқ дода мешавад, ки ба раванди тайёр кардани кадрҳои соҳаи журналистика кормандони маъруфи ВАО ва мутахассисони пешрафтаи соҳаро ҷалб созанд ва меҳнати онҳоро аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетии муассисаҳои таълими олӣ **ба таври илова ҳавасманд гардонанд**;

г) тибқи замимаи № 2 **шуъбаҳои махсуси кафедраҳои мактабҳои таълими олӣ, ки ба тайёр кардани кадрҳои соҳаи журналистика машғуланд**, таъсис дода мешаванд;

д) ба рӯзноманигорон ва кормандони таҳририяе, ки дар ВАО ҳамчун ҷойи кори асосии худ **камаш як сол** кор мекунанд:

**як қисми 50 фоизи хароҷоти таълими забонҳои хориҷӣ дар курсҳои таълимӣ,** ки аз 15 баробари миқдори андозаи базавӣ ҳисоб зиёд намебошад, ҷуброн карда мешавад. Ҳамзамон, онҳо бояд сертификати миллӣ ё байналмилалии дахлдори забонҳои хориҷии дараҷаи B2 ва болотар дошта бошанд ва ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи хароҷоти воқеии марбут ба таҳсил дар муассисаи таълимии ғайридавлатиро пешниҳод намоянд;

**хароҷоти супоридани имтиҳон** барои гирифтани сертификати миллӣ ё байналмилалӣ аз забони хориҷӣ дар сатҳи B2 ва болотар **пурра ҷуброн карда мешавад**.

Ҳамзамон, хароҷоти баргузор намудани чорабиниҳо, ки бо банди мазкур муайян шудааст, аз ҳисоби маблағи Фонди дастгирии рушди соҳаи иттилоотӣ ва коммуникатсияҳои оммавии Ҷумҳурии Ӯзбекистон пӯшонда мешаванд.

7. Ба эътибор гирифта шавад, ки бо қарори мақомоти олии Иттифоқи эҷодии журналистони Ӯзбекистон Иттифоқи эҷодии журналистони Ӯзбекистон ба Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон табдил дода шуд.

Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон дар биное, ки дар нишонии зерин: шаҳри Тошканд, ноҳияи Шайхонтаҳур, кӯчаи Навоӣ 16, воқеъ аст, дар асоси ҳуқуқи истифодаи ройгон ҷой дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки дар солҳои 2023-2024 **50 нафар рӯзноманигорон ва кормандони таҳририя** барои такмили ихтисос, омӯхтани таҷриба, коромӯзӣ ва иштирок дар чорабиниҳои бонуфузи ВАО ба кишварҳои хориҷӣ сафарбар карда шуда, инчунин бо ҷалби мутахассисони соҳибихтисос барои онҳо курсҳои такмили ихтисос ташкил карда шаванд. Хароҷоти дахлдори ин самт аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ, ки ба Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон ҷудо карда мешавад, инчунин дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манъ накардаанд, амалӣ карда мешаванд.

Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва ҳокимиятҳои вилоятҳо оид ба **ҳар сол** ба тартиби муқаррargардида ҷудо кардани маблағ ба сифати субсид барои ташкили самарабахши фаъолият, пӯшондани хароҷот барои нигоҳдорӣ ва мустаҳкам кардани пойгоҳи моддию техникии шуъбаҳои дахлдори ҳудудии Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон аз ҳисоби манбаъҳои иловагии буҷаҳои маҳаллӣ чораҳо андешанд.

8. Бо мақсади минбаъд мустаҳкам намудани системаи ҳифзи манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқи журналистон таклифҳои зерини Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон барои татбиқ аз ҷониби ин Иттифоқ тасдиқ карда шаванд:

**мусоидат дар ҳаллу фасли тосудии низоъҳое**, ки байни журналистон ва мақомоти давлатӣ, шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд;

иштирок дар тартиби муқаррарнамудаи қонун **дар мурофиаи ҷиноятӣ** оид ба фаъолияти касбии журналистон ба сифати **ҳимояи ҷамъиятии** онҳо;

дар асоси доимӣ ҳавасмандгардонии коршиносони соҳибихтисос, ки ба фаъолияти шӯроҳои бадеии каналҳои телевизиону радио ҷалб карда шудаанд, аз ҳисоби маблағи Буҷаи давлатӣ, ки ба Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон ҷудо карда шудааст.

9. Ба эътибор гирифта шавад, ки бо қарори мақомоти олии Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммавии электронии Ӯзбекистон Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммавии электронии Ӯзбекистон **ба Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммавии Ӯзбекистон** табдил дода шуд.

Муқаррар карда шавад, ки мувофиқи нақшаи татбиқи медиалоиҳаҳо, ки аз ҷониби Медиа-ассотсиатсияи миллии Ӯзбекистон ба вазоратҳо, идораҳо, ташкилотҳо ва ҳокимиятҳо тавсия шудааст, рухсат дода мешавад, ки дар асоси шартнома медиамаҳсулотро офаранд ва фурӯшанд, инчунин дигар медиалоиҳаҳоро аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷавии онҳо, инчунин манбаъҳои дигаре, ки ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ манъ накардааст, амалӣ намоянд.

10. Ба Комиссияи парлумонӣ оид ба идоракунии маблағҳои Фонди ҷамъиятии дастгирии ташкилотҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратӣ ва институтҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандии назди Олий Маҷлис тавсия дода шавад, ки **миқдор ва андозаи грантҳо**, фармоишҳои иҷтимоиро ба васоити ахбори омма мунтазам зиёд гардонанд ва дар ин самт **озмунҳои алоҳида** гузаронанд.

11. Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия (Ш.Х.Шерматов) якҷоя бо Вазорати адлия (Р.Қ. Давлетов), Вазорати молия (Т.А. Ишметов) ва Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ ( А.А.Хоҷаев) дар давоми се моҳ лоиҳаи қонунро таҳия намуда, бо тартиби муқарраргардида ба Девони Вазирон пешниҳод намояд, ки **то 50 фоиз кам кардан** ва дар давоми як сол ҷорӣ кардани пардохти қисм-қисми маблағи муқарраргардидаи **боҷи давлатиро** барои лоиҳакашӣ ва сохтмон, истифодабарӣ ва хидматрасонӣ барои шабакаҳои телевизионӣ ва радиопаҳнкунӣ пешбинӣ менамояд.

Дар баробари ин андозаҳои алоҳидаи боҷи давлатӣ барои:

лоиҳакашӣ ва сохтани шабакаҳои паҳнкунандаи (интиқоли) барномаҳои телевизион ва радио;

паҳн кардан (намоиши) барномаҳои телевизион ва радио дар саросари ҷумҳурӣ ё паҳн кардан (пахш намудани) барномаҳои телевизион ва радиои минтақавӣ;

паҳн кардани радиошунавонӣ пешбинӣ мешаванд.

12. Бино ва иншооти "Матбуот уйи", ки дар суроғаи: шаҳри Тошканд, ноҳияи Миробод, кӯчаи Матбуотчилар, 32 воқеъ аст, дар асоси ҳуқуқи идораи оперативӣ ба ихтиёри Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон дода шавад.

Муайян карда шавад, ки таҳририяҳои нашрияҳои чопиро дар ин бино бе пардохти иҷора (ба истисноӣ пардохт барои хидматрасониҳои коммуналӣ ва дигар хизматрасониҳо) ҷой додан мумкин аст.

13. Ҳокимияти шаҳри Тошканд (Ҷ.А. Артиқхоҷаев) якҷоя бо Вазорати сохтмон (Б. И. Закиров), Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ (А. М. Бобоев) ва Вазорати молия (Т. А. Ишметов):

хароҷоти марбут ба барпо намудани **медиашаҳраки замонавиро** дар ҳудуди биною иншоотҳои дар банди 12 ҳамин қарор бандбуда, инчунин ҳудуди назди онҳоро ба Барномаи рушди инфрасохтори иҷтимоию истеҳсолии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои солҳои 2023-2024 дохил намоянд;

оиди ба миқдори зарурӣ ҷудо кардани маблағ барои ҳуҷҷатҳои лоиҳавию сметавии лоиҳаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои сарфашуда ва азхуднашуда дар доираи Барномаи рушди инфрасохтори иҷтимоӣ ва истеҳсолии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои солҳои 2022-2024 чораҳо андешанд.

Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон то ба анҷом расидани татбиқи лоиҳаи созмон додани медиашаҳраки замонавӣ фаъолияти худро дар бинои воқеъ дар нишонии: шаҳри Тошканд, ноҳияи Миробод, кӯчаи Буюк Турон, 42, идома диҳад.

14. **Барномаи тадбирҳои дастгирии воситаҳои ахбори оммавӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи журналистика дар солҳои 2022-2023** мутобиқи замимаи № 3 тасдиқ карда шавад.

**Масъулияти шахсии** роҳбарони вазорату идораҳо, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд барои иҷрои **саривақтӣ ва хушсифати** вазифаҳои дар Барнома муайяншуда нишон дода шаванд.

15. Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ (А. А. Хоҷаев) якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар мӯҳлати се моҳ ба Девони Вазирон оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, пешниҳодҳо тақдим намояд.

16. Дар сархати сеюми банди 2, сархати дуюми банди 5, сархати понздаҳуми банди 10 қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 9 августи соли 2017 № ҚП-3184 «Дар бораи таъсиси Фонди ҷамъиятии дастгирии арбобони эҷодии Ӯзбекистон «Илҳом», инчунин дар сархати понздаҳуми замимаи № 1-и қарор калимаҳои «Иттифоқи эҷодии журналистон» дар мазмуни дахлдор ба калимаҳои «Иттифоқи журналистон» иваз карда шаванд.

17. Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 10 августи соли 2017 № ҚП-3195 «Дар бораи чораҳои такмили минбаъдаи фаъолияти Иттифоқи эҷодии журналистони Ӯзбекистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

18. Ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.А. Абдуҳакимов ва директори Агентии иттилоот ва коммуникатсияи оммавӣ А.А. Хоҷаев масъулияти шахсӣ барои ташкили самараноки иҷрои қарори мазкур гузошта шавад.

Баррасии рафти иҷрои қарори мазкур, амалӣ гардондани мутобиқсозӣ ва назоратии фаъолияти идораҳои ба иҷрои онҳо масъул ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н.Арипов ва муовини роҳбари Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон – Котиби матбуотии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш.И. Асадов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*27 июни соли 2022.*

# ҒОЛИБОНИ ОЛИМПИАДАИ «ПАНҶ ТАШАББУС»

***Барои шавқовар ва ҷолиби диққат гузаронидани вақти холии писару духтарон ва солим ба воя расидани онҳо бо ташаббуси сарвари давлатамон олимпиадаи 5 ташаббус ҷорӣ шудааст.***

Чанде пеш бо ҳамкории Вазорати рушди варзиш, Хидмати бехатарии давлатӣ, Агентии корҳои ҷавонон ва Вазорати таълими халқи ҷумҳурӣ дар чаҳорчӯбаи олимпиадаи 5 ташаббус дар толори коллеҷи варзиши захираҳои олимпӣ ва Донишкадаи муҳандисиву сохтмони Наманган аз рӯйи волейбол байни занону духтарони синнашон 16-21 ва 22-26-сола марҳилаи финалии чемпионати Ӯзбекистон баргузор гардид.

Дар талоши баҳсҳо аз шаҳри Тошканд, Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳои мамлакатамон 308 нафар волейболбозон ба ду гурӯҳ тақсим шуда, қувваозмоӣ карданд. Ғолибони гурӯҳҳо ба мусобиқаи финалӣ роҳхат гирифтанд.

Дар баҳси финалӣ волейболбоздухтарони синнашон 16-21-солаи вилояти Наманган ва вилояти Бухоро қувваозмоӣ карда, вакилони вилояти Наманган ба ҳисоби 2:1 ғолиб баромаданд.

– Рақибонамон басо чусту чолок ва бомаҳорат буданд. Вале мо ҳамаи маҳорат ва имкониятҳоямонро ба кор андохта, ғалаба кардем, – гуфт узви ҷамоаи вилояти Наманган Оқила Сотиволдиева.

Дар мусобиқаи финалӣ занону духтарони синнашон 22-26-солаи вилояти Андиҷон ба ҳисоби 2:0 волейболбозони вилояти Хоразмро мағлуб карда, ба ҷойи якум ноил гардиданд.

Қобили қайд аст, ки волейболбозони синнашон 22-26-сола бо фарзандон ва хушдоманҳояшон омада, барои ғолибиятро ба даст овардани маҳаллаашон кӯшиш намуданд.

Барои ғолибони мусобиқа чорабинии мукофотсупорӣ дар боғи Водии афсонаҳои ноҳияи Давлатободи шаҳри Наманган баргузор гардид. Дар маросими мукофотсупорӣ ҳокими вилояти Наманган Шавкатҷон Абдураззоқов иштирок кард.

**А.МУРОДОВ, хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*



*Соли ҷорӣ дар ноҳияи Тайлоқи вилояти Самарқанд дар 4375 гектар майдон парвариши ғалларо ба роҳ монданд. Алҳол деҳқонон дар саҳроҳо бо корҳои ғунучини маҳсули меҳнати солонаи худ андармон мебошанд.*

*Баҳри ҷамъоварии босифати ғалла аз комбайн ва дигар нақлиёти боркаши автомобилӣ истифода мебаранд.*

***Дар сурат:*** *мавсими дарав дар авҷ.*

***Суратгир: А.ИСРОИЛОВ (ӮзА).***

# ИДИ МАТБУОТ ДАР ФАРҒОНА

***Чун анъана дар кохи "Афросиёб"-и шаҳри Фарғона ба муносибати Рӯзи матбуот ва ходимони воситаҳои ахбори оммавӣ чорабинии хеле доманфарохи фарҳангӣ баргузор гардид. Дар он собиқадорони соҳаи матбуот ва табъу нашр, журналистон, блогнависон, фаъолони шабакаҳои иҷтимоӣ, поширон ва вакилони гурӯҳҳои иҷтимоӣ ширкат намуданд.***

Маросими идонаро ҷонишини ҳокими вилоят Файзулло Қосимов бо сухани муқаддимавӣ ҳусни ифтитоҳ бахшид.

– 27 июн барои кормандони соҳаи матбуот, воситаҳои ахбори оммавӣ ва журналистону блогерҳо рӯзи иду хурсандӣ ва нишот мебошад. Барои ҳамин шумову тамоми ҳамкоронатонро аз номи дастгоҳи ҳокимияти вилоят бо иди касбӣ самимона шодбош мегӯям. Хусусан, солҳои охир соҳибони ин касбу кор дар инъикоси ислоҳоти васеъмиқёсе, ки таҳти сарварии Президенти мамлакатамон дар кишвар татбиқ мегардад, хеле фаъолнокӣ нишон медиҳанд, – изҳор намуд Файзулло Қосимов.

Мавсуф афзуд, ки ҳар як журналисту қаламкаш бо дарки масъулият бояд кӯшиш намояд, ки дастовардҳои кишварамон дар соҳаҳои гуногунро дар маҳалҳои дурдаст низ тавассути гузоришу мақолаҳо ва барномаҳои садову симо акс кунонад.

Дар маросим депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис Умед Ҷабборов, раиси бахши вилоятии Иттиҳодияи журналистони Ӯзбекистон Муҳаммадҷон Обидов, як идда собиқадорони меҳнат ба сухан баромаданд ва оиди бурду бохти соҳаи мазкур ибрози ақида карданд.

Дар поёни чорабинӣ як гурӯҳ аҳли қалам бо ифтихорнома, ташаккурномаи ҳокимияти вилоят ва тӯҳфаҳои хотиравӣ сазовор гардиданд. Чорабиниро дастаҳои ҳунарӣ бо таронаҳои марғуб ва рақсҳои ҷаззоб шукӯҳи тоза бахшид.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири "Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# КОРХОНАИ МУШТАРАК – ҶОИЗАДОРИ ОЗМУН

***Корхонаи муштараки ҶММ «Agromir» воқеъ дар ноҳияи Самарқанд чанд сол боз шарбатҳои гуногун, пюреи мева ва сабзавот истеҳсол мекунад. Дар ин ҷо истеҳсолот даври пурраи тайёр кардани маҳсулотро аз назорати парвариши мева то қабул ва коркарди онҳо дарбар мегирад.***

Маҳсулоти корхонаро ба Русия, Қазоқистон, Озарбойҷон, Тоҷикистон ва Қирғизистон экспорт мекунанд.

Ба қарибӣ КМ ҶММ «Agromir» ҷоизадори озмуни маъруфи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои муваффақиятҳо дар соҳаи сифати маҳсулот ва хидматрасонӣ шуд. Журналистон дар бораи ин муваффақият ҳангоми пресс-тур, ки Агентии «Ӯзстандарт» ба ин корхона ташкил кард, муфассалтар шинос шуданд.

Сардиректори ширкат Носир Қӯзиев ба иштирокчиёни пресс-тур гуфт, ки пеш аз эълон кардани натиҷаҳои озмуни мазкур коршинос ва технологҳои хориҷӣ ба муассисаи мо омаданд ва ҷараёни истеҳсолотро мушоҳида намуданд.

Бояд таъкид кард, ки озмун бо мақсади дастгирии ташаббусҳои миллӣ дар истеҳсолот ва муттаҳид кардани саъю кӯшиши органҳои идораи давлатӣ баҳри баланд бардоштани сифат ва рақобатпазирии маҳсулот ва хидматрасонӣ дар мамлакатҳои ИДМ гузаронда шуд.

Иштирокчиёни пресс-тур аз сехҳои истеҳсолӣ, анборҳои муассиса дидан карданд. Имрӯзҳо дар ин корхона беш аз 400 нафар кор мекунанд. Дар вақти мавсим шумори онҳо ду маротиба зиёд мешавад.

Қувваи солонаи муассиса бештар аз 60 ҳазор тонна шарбат ва шаҳд аст.

Сардори сехи шарбат Шуҳрат Оқилов фаҳмонд, ки дар як шабонарӯз дар ин сех то 400 тонна себ, 150 тонна олуболу, 200 тонна ангур ва 80 тонна анорро коркард мекунанд. Меваҳои коркардшуда ба зарфҳои ғунҷоишашон то 50 куб андохта мешаванд. Ҳаҷми умумии консентратҳое, ки дар ин зарфҳо нигоҳ дошта мешаванд, то 10 ҳазор тонна мерасад.

Журналисту блогерҳо аз лабораторияи истеҳсолӣ-технологӣ низ дидан карданд. Дар он таҷҳизоти санҷишӣ ва воситаҳои ченкунии замонавӣ мавҷуд аст.

Ҳоло КМ ҶММ «Agromir» дар бозори Ӯзбекистон дар заминаи фурӯши маҳсулоти шарбат пешсаф аст. Муассиса хоҷагии фермерии худро, ки дар 3,496 гектар замин мева ва сабзавот парвариш мекунад, дорад. Ҳамаи маҳсулоти хоҷагии фермерӣ дар худи сехҳои муассисаи мазкур коркард мешаванд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА, хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*27 июн – Рӯзи кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ*

# ПИРИ МАТБАА КОМИЛҶОН

***Комилҷон Ашӯров ба идораи рӯзномаи «Овози Самарқанд» шитоб дошт. Диққати ӯро бинои матбааи ба номи Морозов, ки дар шафати он буд, ба худ кашид. Аз иншооти сеқабата фақат устухонбанди бетонӣ боқӣ монда буду халос. Вай аз кадоме пурсид, ки аз чӣ сабаб матбааи номдори Самарқанд ба ин аҳвол афтодааст?***

– Шояд хизматашро карда шуд, – фаҳмонданд ба ӯ, – минбаъд иншоотро аз нав сохта ба дигар мақсад истифода мебаранд.

Рости гап, аз ин навид димоғи собиқ коргари он Комилҷон Ашӯров сӯхт. Охир ӯ як умр маҳз дар ҳамин бино фаъолият бурда, ба нафақа баромад ва ҳоло гашти пирӣ меронад.

Комилҷон Ашӯров солҳои таҳсил ба бостоншиносӣ дил баст. Дар лаҳзаҳои истироҳат бештар китобҳои таърихиро хонд. Диққати ӯро таърихи шаҳрҳои қадимаи Осиёи Миёна – Бухорои шариф ва Самарқанди бостонӣ ба худ кашидааст. Соли 1974 номаи камолро гирифту ҳуҷҷатҳояшро ба факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд супурд. Аммо бахташ натофт – барои номи донишҷӯро гирифтан ҳамагӣ чанд хол нарасид.

Рӯзи дигар Комилҷон ба матбаа, ки дар бинои мӯҳташами сеошёна ҷойгир буд, бо аризаи дар бораи ба кор қабул кардан рафт. Директор коргари нави худро хуш пазируфт ва аризаи ӯро аз назар гузаронида, ба як канори он чизе навишт ва бо табассум гуфт:

– Қӯчқорамак одами аҷоиб, аммо ба масъалаи мактаби олӣ биёем, албатта дохил мешавӣ.

Сипас, ҳар ду ба ошёнаи дуюм баромада, ба сехи калони равшан дохил шуданд, ки ба машом бӯи равғани мошин зада, дастгоҳҳои серчарху мурватҳо беист ҳаракат мекарданд, Комилҷон бо ҳайрату кунҷковӣ ба онҳо нигарист. Гулсара ба назди зане, ки паси мизи дарозу паҳни оҳанпӯш истода, бо дастони равғанолуд аз қуттичаҳо чизҳои оҳанпорашаклро гирифта мечид. Вай дар бар корҷомаи аз равғану чанг пурчилогашта дошт. Ӯ ба ҳурмати роҳбари корхона аз тахтазина фаромад ва даст пеши бар гирифта салом дод.

– Клейсер, – насаби ӯро гирифт Гулсара Нурматовна, – ба ту шогирд овардам. Ҳуруфчиниро ёд медиҳӣ. Мӯҳлат як моҳ. Агар дасту панҷааш часпад, «ранҷ бурдӣ – ганҷ бурдӣ», вале кундзеҳнӣ кунад, чор тарафаш қибла.

Екатерина, ки ҳамкорон кӯтоҳу навозишомез Катя мегуфтанд, тасдиқомез сар ҷунбонд. Ва баъди ба дар рафтани директор Катя ба ӯ гуфт, ки барои ҳуруфчинӣ усто шудан хотираи мустаҳкам лозим. Ту бояд дар муддати кӯтоҳ хоначаҳои ҳарфро азёд донӣ. Ҳар як ҳарф дар хоначаи махсус меистад, ки ту инҳоро як-як гирифта зеҳн мон ва дар хотир нигоҳ дор.

Комилҷон аз қуттича як оҳанчаи хурдакакро гирифт аз ҳар тарафаш нигарист, ки ҳарф чаппа менамуд. Катя зани ҳушёру рамузфаҳм буд, ки лабханд зада фаҳмонд, ки дар вақти чопи рӯзнома рост мешавад.

Рости гап, дилгир нашуда ҳарфҳоро шинохтан ва дар зарурат аз қуттичаҳо пайдо кардан аз кас сабру тоқат, дили васеъ, хотири ҷамъ талаб менамуд, ки чунин хислатҳо дар коргари нав муҷассам буд. Комилҷон дар муддати кӯтоҳ бо ҳавас, завқу шавқ кассаҳои ҳуруфчиниро шинохта устодашро ба ҳайрат гузошт.

– Катя, шогирд ҳоло гурехта нарафт? – зани ҳамшафат пурсид аз устодаш, – о, Маша, ин ҷавон иродаи қатъӣ дорад, – ба ситоиш пардохт Катя, – аллакай пешравӣ ҳаст. Ба кор қабул кардан мумкин аст.

Бо тавсияи Катя ва Маша баъди ду ҳафта Комилҷон Ашӯров ба кор қабул шуд. Вале аз байн як сол нагузашта ӯро ба хизмати ҳарбӣ даъват намуданд. Аз сабаби забони тоҷикӣ ва русиро донистан ӯро ба қисми ҳарбии сарҳади Туркманистону Эрон фиристоданд. Комилҷон баъди адои қарзи ҷавонмардӣ боз ба матбаа ба кор омад. Бо гузашти айём аз ҳуруфчини оддӣ то дараҷаи сардори сех расид. Вай баъди ба чопи аксбардорӣ (фотонабор) гузаштани рӯзномаҳо дар идораҳои рӯзномаҳои «Шарқ тонги», (ҳоло «Гулобод тонги»), «Ленинский путь», (ҳоло «Самаркандский вестник» ва дертар «Овози Самарқанд» дар вазифаҳои гуногун хидмати шоиста кард. Садоқати ӯ ба касби дӯстдошта буд, ки беш аз сӣ соли ҳаёти хешро ба матбаа бахшид. Хоссатан барои тарбия кардани даҳҳо нафар матбаачиён саҳмгузор гардид, ки дар байни онҳо Умурбек Холматов, Аҳрор Ҳамроқулов, Саодат Амонова, Татяна Фролович, Фармон Рауфов, Солеҳҷон Яҳёев ва дигарон буданд, ки онҳо низ шогирдони бешумор доранд.

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки Комилҷон Ашӯров шӯъбаи ғоибонаи факултаи таърихи донишгоҳро хатм кард ва дар соҳаи журналистика низ ба комёбиҳои назаррас ноил гашт. Ҳатто навиштаҳои ӯ ғайр аз Ӯзбекистону Тоҷикистон, Русия ва Қазоқистон дар Англия, Амрико, Фаронса ва дигар кишварҳои ҷаҳон рӯйи чопро диданд.

**Баҳодури ЗОҲИР.**

*Вилояти САМАРҚАНД.*

# СИТОРАИ ДУРАХШОНИ ОСМОНИ САНЪАТ

Ман аз овони ҷавонӣ сурудҳои Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон, зиндаёд Ботир Зокировро, ки ба барномааш дар баробари сурудҳои ӯзбекӣ, сурудҳои ҳиндӣ, арабӣ, туркӣ, тоҷикӣ, франсавӣ, русӣ ва ғайра ворид шуда буданд, бо шӯру ҳаяҷон гӯш мекардам. Овози соҳир, ҳаракатҳои мавзун, артистизми олӣ дошт.

Сурудро ба ғазали Саъдии Шерозӣ «Эй сорбон» бисёр ҳофизон ба шеваи худ сурудаанд, аммо Ботир Зокиров онро бо сӯзи дил, нолаи ҷонгудоз ба иҷро расонидааст, ки аз дигар ҳофизон фарқ дорад.

Солҳо мегузаштанд. Ҳангоме ки барномаи телевизионии «Чашми дил»-ро, ки аз устохонаи Арбоби шоистаи санъати Ӯзбекистон, мусаввири театри драмаи вилояти Самарқанд зиндаёд Даврон Сафозода ба навор мегирифтем, дар он ҷо ангораҳои зиёдро, ки дар онҳо лаҳзаҳои нотакрори умри поягузори санъати эстрадаи ӯзбек Ботир Зокиров ба тасвир омадаанд, дидам. Театр нақша дошт, ки балети «Шефтаи туям»-ро ба саҳна гузорад.

Устод Даврон Сафозода зимни суҳбат гуфта буд:

– Мо бо Ботир Зокиров дар Донишкадаи театр ва рассомии Тошканд таҳсил кардаем. Вай дар факултаи режиссёрӣ, ман дар факултаи рассомӣ мехондам. Дар Тошканд хонаи иҷора доштам, ки ба он ҳар сари чанд вақт шодравон, Ҳунарпешаи мардумии Ӯзбекистон Эргаш Каримов, офарандаи образҳои ду нобиға – Абуабдулло Рӯдакӣ ва Абуалӣ ибни Сино, актёри тоҷик Марат Орифов, Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Бурҳон Раҷабов, инчунин, Ботир Зокиров меомаданд. Албатта, дар он айём ҳама донишҷӯ будем.

Ман фурсатро ғанимат дониста, ба устод Даврон Сафозода гуфтам, ки видеосужетеро аз рӯзгори Ботир Зокиров таҳия кунем. Ӯ розӣ шуд. Мо ангораҳоро ба навор бардоштем. Аз видеофилме, ки фарзанди Ботир Зокиров – актёри хушсалиқа Бахтиёр Зокиров ба навор бардоштааст, сурудҳои санъаткор: «Маро бибӯс», «Эй сорбон», «Ҳабиба» мавриди истифода қарор гирифтанд.

Афсӯс, ки балет аз рӯзгори Ботир Зокиров, ба сабаби бемории коргардони он – Микаэл Хачатуров, ба рӯйи саҳна наомад.

Ҳикоятҳои Даврон Сафозода аз фаъолияти эҷодии Ботир Зокиров кумак карданд, ки тамошогарон аз санъати нотакрори ҳофиз ва сарнавишти талху фоҷиавии вай огоҳ шаванд.

Хуб, чаро сарнавишти санъаткор талх ва фоҷиаомез буд ва дар роҳи вай садду монеаҳо эҷод карданд?

Тавре ки дар суҳбат Даврон Сафозода зикр карда буд, Ботир Зокиров аз дигарон бо хушмаданиятӣ, озодалибосӣ, артистизми модарзод, росткорӣ фарқ мекард. Вай тоқати дидани беадолатӣ, ноинсофӣ, хушомадгӯйи надошт.

Роҳи эҷодии Ботир Зокиров аз солҳои донишҷӯйӣ дар дастаи эстрадии «Ёшлик» оғоз ёфтааст. Қадамҳои нахустини вай дар олами санъат маҳз бо ҳамин «Ёшлик» алоқаманд мебошад.

Дастаи эстрадии «Ёшлик» соли 1957 дар фестивали ҷаҳонии ҷавонон дар Маскав ширкат дошт. Суруди «Ӯзбекистон – диёри ман», ки онро Ботир Зокиров бо хоҳараш Луиза иҷро кард, шӯру шаафе дар миёни иштирокдорон барпо кард. Ин комёбии нахустини эҷодии Ботир Зокиров буд. Соли 1958 дар заминаи «Ёшлик» Оркестри давлатии эстрадаи Ӯзбекистон созмон дода шуд.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Китобиёт*

***Чанде қабл ба ифтихори 30-солагии муносибати дипломатии Тоҷикистону Ӯзбекистон китоби академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода бо номи «Насими дӯстӣ» рӯйи чопро дид.***

# «ДӮСТИРО ҶУСТУҶӮ ДОРЕМ МО»




Китоб дар бораи таърихи ташаккули робитаи адабиву фарҳангии халқҳои бародар – ӯзбеку тоҷик маълумот медиҳад. Очерки илмиву адабии А.Раҳмонзода «Паёми дӯстӣ ва равобити адабӣ» муносибатҳои қадимии тоҷикону ӯзбеконро, ки бо гузашти замон бо ҳам хешу табор, рафиқи мунис, бародару хоҳар шуда, ҳамхуну решапайванд гардидаанд, ёдоварӣ мекунад. Тавре ки дар очерк гуфта мешавад: дӯстии тоҷикон ва ӯзбекон дар замони Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ боз ҳам таҳким ёфта, хусусияти ибратомӯз касб кардааст.

Муаллиф дар очерк дар таҳкими дӯстӣ ва густариши равобити адабии тоҷику ӯзбек саҳми нависанда ва шоиронро алоҳида таъкид мекунад. Робитаи дӯстона ва бародаронаи ду халқ дар тӯли Истиқлолияти миллӣ ба ҳар ду халқ имкон дод, ки адабиёт ва санъати худро тараққӣ диҳанд, барои эҷод шароит фароҳам оваранд ва ҷиҳати табъу нашри осори адибони гузашта ва муосир роҳи васеъро боз намоянд.

Хурсандиовар аст, ки очерк ба забони ӯзбекӣ низ бо номи «Адабий алоқалар ва дӯстлик ришталари» аз китоб ҷой гирифтааст. Ин ба хонандагони ӯзбек имкон медиҳад, ки аз мазмуну мундариҷаи очерк баҳраманд шаванд.

Боби охири китоб «Чанд сухани дигар дар боби чеҳраҳои адабӣ ва навгониҳои эҷодӣ» ном дорад, ки мақолаҳои «Равобити адабию фарҳангии халқҳои ӯзбеку тоҷик», «Садриддин Айнӣ – пули дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек», «Сиддиқии Аҷзӣ ва бедории фикрӣ», «Дар бораи оинаи ҷаҳоннамои миллат – Бухорои Шариф», «Боз як навиди тоза дар Самарқанд», «Нигоҳи иҷмолӣ ба пажӯҳиши адабиётшиноси тоҷики Ӯзбекистон»-ро дар бар мегирад.

Муаллиф аз ҷумла дар боби охир таъкид менамояд: «Боиси хушнудист, ки солҳои охир баробари рушди адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ дар Тоҷикистон, дар Ӯзбекистон низ ин соҳаҳои зебоишиносӣ рушд намуда, пажӯҳишҳои судманд пайдо шуда истодаанд. Рисолаи Абдуқайюм Ҳасанзод «Адабиёти тоҷик дар Ӯзбекистон» аз ҳамин қабил мебошад».

**М.МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Мукофот муборак!*

# ЖУРНАЛИСТ ВА АДИБИ ЗАҲМАТПИСАНД



Муҳаммадҷон Шодӣ. Бо ин ном хонандагони рӯзномаи «Овози тоҷик» ва алоқамандони каломи бадеъ дар Ӯзбекистон тавассути қаламиҳояш дерест, ки ошноянд. Ӯ, баъди хатми факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Хуҷанд, вақте дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии ноҳияи Сӯх ба сифати омӯзгор ва роҳбари мактаб кору фаъолият дошт, дар баробари таълиму тарбияи насли наврас, бори эҷодро низ бар дӯш дошт. Мақолаву ҳикояҳояш дар матбуоти даврии Ӯзбекистон ва Тоҷикистон муттасил рӯйи чопро медиданд.

Ишқи эҷод ӯро ором намегузошт, пайваста ба олами сеҳрангезу пурасрори худ даъват менамуд. Инак, вақте ӯро ба бахши тоҷикии Ширкати телевизиону радиои Ӯзбекистон ба кор даъват карданд, дари имкониятҳо ба рӯяш боз гардид. Бо дили пур ва қатъияти тамом ба роҳи эҷод қадам гузошт, ба қавле, миёнро аз ҳафт ҷояш маҳкам баста, ба кор пардохт. Хабару мақола ва гузоришу очеркҳояшро шунавандагон хуш пазируфтанд. Бо рӯзномаи «Овози тоҷик» ва нашрияҳои ӯзбекӣ низ ҳамкориро идома дод. Дар пойтахт паҳлуи нави тавону салиқаи ӯ ошкор гардид. Бо қаламиҳояш собит намуд, ки бо забони ӯзбекӣ низ метавонад аҳдофашро ба курсӣ нишонад.

Муҳаммадҷон Шодӣ соли 2001 ба идораи «Овози тоҷик» ба кор гузашт. Инак, бист сол аст, ки бори шуъбаи иқтисодиётро бар дӯш дорад. Одатан эҷодкореро, ки бо шеър, наср, нақди адабӣ, драматургия, тарҷума сару кор дорад, адиб меноманд.

Муҳаммадҷон Шодӣ тӯли кору фаъолият дар рӯзнома чанд китоби шеър ва қиссаю ҳикояҳояшро ба дасти чоп дод, гоҳо маҳсули эҷоди ҳамкоронро нақд низ мекунад, асарҳои саҳнавӣ меофарад. Тавассути телевизиони Ӯзбекистон чанд асараш ба саҳна гузошта шудаанд. Солҳои охир адиби зуллисонайн дар бахши тарҷума фаъолияти густурда дошт. Осори назмиву насрии шоиру нависандагони саршиноси ӯзбекро бо маҳорати ба худ хос ба забони тоҷикӣ баргардонд.Тавассути ин меҳнати тоқатфарсо дар байни адибони ӯзбек маҳбубият пайдо кард. Ин ҳама ба ӯ ба туфайли забондонӣ, меҳнат ва муҳаббати тамом ба адабиёт даст медиҳад.

Узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон М. Шодӣ соли равон ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон низ пазируфта шуд.

Дар Рӯзи иди касбии журналистон ҳодисаи масарратбахше ба шодию хурсандии ҷамоаи «Овози тоҷик» афзуд. Ҳукуматамон хидматҳои ӯро ба назари эътибор гирифта, бо ордени «Меҳнат шуҳрати» сарафроз гардонд. Ба ин муносибат ҳамкор ва ҳамкасби худро самимона муборакбод менамоем.

**Ҳайати таҳририяи рӯзномаи «Овози тоҷик».**

# САДОҚАТИ ДЕРМОНДА

*(Ҳикоя)*

Модар дами дарвоза аз қафои фарзандаш гирёну нолон монд. Ҳарчанд зораву тавалло кард, аз раъяш нагашт:

– Оча, як бори дигар ба хориҷ равам, дигар бас мекунам. Як андак маблағ ҷамъ мекунаму бармегардам. Парво накунед, ҳамааш хуб мешавад, – ҷавоб дод ба илтиҷоҳои модар Собит.

Холаи Маҳтоб дар пушти дарвоза бо дидаҳои ашкбор хеле рост истоду пойҳояш бемадорӣ кашида, дар ҷояш нишаста монд. Писараш ӯро гӯш накард, роҳи мамлакати бегонаро пеш гирифт. Падари раҳматиаш Икромамак ҳарчанд насиҳатҳо кард. Фаҳмонд, ки ӯ дар хона ягона писар аст, ду хоҳари калонӣ кайҳо соҳиби хонаву дар гашта, зиндагии мустақил доранд. Ӯ худ касалманд аст. Пас аз бемории зардпарвин ҷигараш норохат месозад. Мабодо ба ӯ ягон ҳолу коре шуда монад, модараш аз танҳоӣ сахт азият мекашад. – Бубин, – гуфт, – бисёр ҷавонмардҳои деҳ дар Ватан меҳнати ҳалол доранду зиндагиашонро пеш мебаранд. Ба ризқи худодода бояд шукр кард. Аммо ба Собит илтимосу насиҳатҳо асар накард. Ҳатто падар аз соҳибдипломии ӯ сухан ба миён оварда, изҳор дошт:

– Писарам, охир барои соҳиби маълумоти олӣ гаштанат чӣ қадар машаққатҳо кашидем. Бо модарат нахӯрдем, напӯшидем, ду сӯми ёфтаамонро ба ту мефиристодем. Мақсад: одам шавию рӯзе ба дарди мо марҳам гардӣ, дар дами пирӣ аз дастамон гирӣ. Ёдат ҳаст, ҳатто модарат барои ту ба дари мардум рафта тухмфурӯшӣ мекард, рангашро зард карда сӯзан мекашид. Пешаи муҳандисӣ дорӣ, ба ягон идора ё ташкилот ба кор дароӣ мешавад-ку! Моро ин қадар азоб мадеҳ, ҷони падар.

Ҳайфо, ки ӯ аз якравиаш намонд. Бо чанде аз шиносҳояш роҳи Русияро пеш гирифт. Падару модари солхӯрда бо дили реш ӯро гуселониданд…

Ин воқеа аввалҳои тирамоҳ рух дода буд. Инак, шаш моҳ гузашта баҳор омадаасту аз Собит хату хабар нест. Ҳатто занг зада ҳоли падару модарро намепурсад. Саломатии Икромамак баъди муҳоҷирати писар рӯз аз рӯз бадтар мешуд. Табобати духтурон натиҷае намебахшид. Вай аз бемористон бо хоҳиши худ ба хона баргашт. Дигар намехост, ки вуҷуди дардмандашро бо сӯзандору озор диҳанд. Дар хона рӯйи бистар мехобиду чашмони хирабинаш шабу рӯз ба роҳи фарзанд буданд. Кош Собиташ меомаду боре ҳам бошад, дидори ӯро медид, дар маросими ҷанозаи падар иштирок мекард.

Мӯйсафед духтаронашро ҷеғ занонда таъкид кард, ки аз дӯстонаш рақами телефони Собитро ёфта занг зананд, ки ба хона баргардад. Адолату Роҳила чанд муддат овора гашта, оқибат ба телефони дастии Собит занг заданд. Аммо гӯшакро зани ношиносе бардошта, фаҳмонд, ки чанд рӯз қабл ин телефонро аз кӯча ёфтаасту соҳибашро намешиносад.

Вақеа чунин рух дода буд: Собиту ҳамкоронаш, баъди кор, шабона ба тарабхонаи шаҳр барои дамгирӣ мераванд. Мусиқии гӯшхарош танин меандохт. Пешхидмат дар як он рӯйи мизро ба хӯрданиҳо оро дод. Албатта, чунин истироҳат бе нӯшокӣ намегузарад. Ин аст, ки ҷӯраҳои сархуш аз шароб бештар нӯшиданд. Ду нафари онҳо – Роғиб ва Содир калавида-калавида ба рақс даромаданд. Содир ба кадом як духтари ношинос хуморолуд гап партофта, хост ҳамроҳи ӯ рақсад. Духтар ӯро дашноме доду худро дур кашид. Вале Содир бо ҳаракатҳои безеб ӯро думболагирӣ кард.

Нохост муште ба сар хӯрду аз по афтид. Тарабхонаро қиёмат барпо гашт. Ду тараф ҳамдигарро лату кӯб карданд, бисёр анҷомҳо шикастанд.

Вақте ки ба худ омаданд, диданд, ки дар шуъбаи корҳои дохилӣ паси панҷара нишастаанд. Тани ҳамнишастҳои ҷароҳатбардошта сӯзиш мекарду сарҳо чун кӯҳ вазнин буданд. Собит кисаашро тагурӯ карда фаҳмид, ки бар асари «қаҳрамонӣ» телефони дастиашро гум кардааст. Ба шарофати ин «диловарӣ» дар мусофирӣ қариби як моҳ «меҳмон»-и идораи дахлдор буданд.

Адолату Роҳила бо табъи хира назди падар баргаштанд ва ба хотири ин ки дили мӯйсафед ганда нашавад, дурӯғ гуфтанд: «Мо ба Собит занг задем, вай ваъда дод, ки дар давоми як ҳафта меояд».

Тамоми вуҷуди мӯйсафед месӯхт, дилашро аламе фишор медод. Кош писараш ба роҳ баромада бошад. Агар ӯро як бор медид, бо дилу хотири ҷамъ ин оламро падруд мегуфт.

– Кампир, ягон хабар ҳаст? Собитҷон чӣ мегӯяд? Дар роҳ бошад? Чаро ин қадар дер кард, – мӯйсафед ба хавотир аз ҳамсараш пурсид. Пиразан ашки чашмонашро пинҳон дошта, як тараф тоб хӯрду аламашро фурӯ бурда, шавҳарашро тасаллӣ дод, ки писараш дар роҳ аст.

Бад-ин тариқ Икромамак бо дили кашолу чашмони чор олами ҳастиро тарк гуфт. Писараш Собит дар ҷанозаи падар иштирок накард. Бояд ҷома пӯшида, мотам мегирифт. Вале ба вай тобути падарро бардоштан, сари қабраш нишаста дуову тиловат кардан насиб накард. Вақте мардум падарашро ба қабристон мебурданд, ӯ дар шаҳрҳои бегона гаштугузор дошт, ё дар кадом як тарабхона вақташро хуш мегузаронд. Худовандо, худат ба бандаҳоят имону инсоф бахшой, дар вуҷудашон одамиятро ҷо деҳ.

Баъди маъракаи соли падар Собит дар деҳ пайдо шуд. Донист, ки мӯйсафед кайҳо ин оламиро падруд гуфтаасту модараш бо як набераи духтариаш дар ҳавлӣ танҳо зиндагӣ дорад. Модар бо дидаҳои ашкбор фарзандашро ба канор гирифта, падарашро ёдоварӣ намуд. Рӯзи дигар бино ба хоҳиши тағоияш Ҳомид ҳамроҳ рафта, қабри қиблагоҳашро зиёрат карданд. Сабзаҳои хазонгаштаи рӯйи қабр дар дили бинанда кайфияти ҳузнангезеро эҷод мекарданд. Раҳораҳ тағоияш насиҳат кард, ки кори шуданӣ шуд, дигар модарашро танҳо нагузорад. Инсон фақат дар ватани хеш азиз аст, мулки бегона ба кас некрӯзиро насиб намегардонад.

– Хоҳарзода, шукри Худо маълумоти олӣ дорӣ, худат ҳам ҷавони чор кас медидагӣ, синну солат ҳам лоиқи оиладор шудан. Ба модари пират раҳм кун, ҳамин ҷо сари кореро гиру хонаву дари худро барпо соз. Дарахт дар як ҷо мерӯяд, агар кӯчондан гирӣ, мехушкад.

Собит як муддат назди модар монд. Чанд корро пешниҳод карданд, маъқул нашуд. Рӯз то рӯз хумори хориҷа рафтан боло мегирифт. Ва инак, домани модарро бо ваъдаҳои хушку холӣ пур карду хонадоршавиро мавқуф гузошта, роҳи Русияро пеш гирифт.

Модар пушти дарвоза дар ҷойи нишастааш бо вуҷуди ларзонӣ даст ба дуо бардошта, ба ӯ роҳи сафед талабид. Автомобиле, ки Собит савори он буд, дар як он аз дидаҳо нопадид гашт, вале ӯ боре ҳам ба қафо нигоҳ накард. Наберааш – Маҳваш аз дасти пиразан гирифта ба хона даровард. Ҳушу ёди модар ба фарзанд банд буд.

(Давомаш дар саҳ.4).

*Тобистони хуррами бачаҳо*

# СЕРЗАВҚУ ХОТИРМОН МЕГУЗАРАД

**Дар фасли гарм – тобистон бо истироҳат фаро гирифтани бачагон дар кишварамон яке аз вазифаҳои долузарб ба шумор меравад. Падару модарон мекӯшанд, ки фасли гармо барои дилбандони онҳо фоиданок, пурмазмун ва хотирмон гардад.**




Мо барои боварӣ ҳосил кардан ба ин гуфтаҳо аз муассисаи таълими томактабии рақами 34-уми ноҳияи Чуст, ки дар қисми сераҳолитари шаҳри Чуст ҷойгир буда, ба он мураббии доно, ташкилотчӣ Рисолатхон Эшонова роҳбарӣ мекунад, дидан кардем .

Даромадгоҳи муассисаи таълими томактабӣ диққати ҳар раҳгузарро ба худ ҷалб мекунад: гулзори зебо, сояю салқин, ҷиҳозҳои рангорангу майдончаҳои машқи ҷисмонию варзишӣ ба шавқу ҳаваси хурдсолон мусоиданд. Аз онҳо наврасон дар вақтҳои муайян баҳра бурда метавонанд.

Дар муассиса 220 нафар фарзандони халқ дар 7 гурӯҳ таълиму тарбия мегиранд. Дар тобистони солимгардонӣ барои истироҳати бачагон чорабиниҳои алоҳида, аз ҷумла, обутобдиҳӣ дар обу рег, ваннагирӣ дар ҳавои софу офтобрӯ ва гардиш дар роҳҳои ноҳамвор ташкил карда шудаанд. Инчунин, ҳар рӯзи бачагон дорои номи хоси худ буда, доир ба онҳо машғулияту тадбирҳои рӯҳафзою завқовар гузаронида мешаванд. Мисол, рӯзҳои шаҳраки шавқовар, рангинкамон, варзиш — гарави саломатӣ, иди гул, театри лӯхтак ва шоҳмотбози ҷавон аз он ҷумлаанд. Барои солимгардонию обутобдиҳии маънавию ҷисмонии наврасон баргузор гардидани озмунҳои саволу ҷавоб, сураткашӣ, мусобиқаҳои шоҳмот, шашка, футболчиёни ҷавон ва ғайра ба роҳ монда шудааст.

Дар муассиса чорабиниҳои гуногун, бозию мусобиқаҳои тобистона таҳти сарварии равишомӯз Маҳбуба Юнусова, педагогҳо Садоқат Шарофиддинова, Гулноза Маҳкамова, Моҳинбону Обидова басе сермазмун мегузаранд.

Мураббиён бо забони ҳол мегуфтанд, ки тобистони бачаҳо хуб мегузарад.

**Ш.МИРЗОЕВ,**

*вилояти НАМАНГОН.*




# СИТОРАИ ДУРАХШОНИ ОСМОНИ САНЪАТ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ботир Зокиров дар конфронси нависандаҳои Осиё ва Африқо (шаҳри Тошканд, сентябри соли 1958) ба сурудхонӣ комёб гардид. Сипас, дар Даҳаи адабиёт ва санъати Ўзбекистон дар Маскав (соли 1959) суруди «Тангои арабӣ»-ро, ки оҳангсозаш Дориш-ал-Алтош буд, коркарди бастакори машҳури вақт Ян Френкел садо дод. Ин пирўзии беамсоли Ботир Зокиров буд. Пас аз иҷрои суруд вай ҳазорҳо мухлисони гуногунзабонро пайдо кард. Мухлисон дар ҳар як консерташ сурудани «Тангои арабӣ»-ро хоҳиш мекарданд.

Пас аз бозгашт аз Маскав ба таври ногаҳонӣ роҳбар ва дирижёри оркестр Алберт Малахов аз дунё даргузашт. Ботир Зокиров роҳбари бадеии оркестр гардид. Ў барои рангин кардани барномаи оркестр заҳмат мекашид. Ҳар як шеър, оҳангро борҳо санҷида, сипас ба барнома ворид мекард. Оркестр дар муддати кўтоҳ дар Маскав, Санкт-Петербург ва дигар шаҳрҳои Иттиҳоди Шўравӣ консертҳо намоиш дода, шуҳрат пайдо кард.

Аммо ҳасудон ва нотавонбинон оркестр, комёбиҳои онро нодида мегирифтанд, ба пешравии кораш монеъ мешуданд. Бо таъбири Ботир Зокиров: «соҳибмансабони санъат» барномаи оркестрро тасдиқ намекарданд.

Ҳамаи ин ба саломатии Зокирови бемор беасар намемонд. Вай бемории шуш дошт. Беморӣ бар асари асабонишавии пайваста хурўҷ мекард. Вайро таккрор ҷарроҳӣ мекарданд, моҳҳо, солҳо дар бемористонҳои Маскав, санаторияҳои Қрим табобат меёфт, ба беморӣ таслим намегардид. Ў ба даст мўйқалам гирифта, мусавварaҳо меофарид. Оре, Ботир Зокиров на танҳо ҳофиз, балки мусаввир, оҳангсоз, шоир, адиб ҳам буд.

Ў дар дафтари хотироташ навишта буд: «Се соли бемории сахт ва сукут. Шушро пайваста машқ кунонидан лозим. Шарт! Шарт! Ман боз бармегардам! Ҳаёт… ҳар лаҳзаи он зебост ва нотакрор. Бисёр мехоҳам, ки суруд бихонам!»

Вайро боз ба мизи ҷарроҳӣ хобонданд. Ҷарроҳӣ 8 соат давом кард. Ин дафъа ҳам иродаи санъаткор пирўз гашт.

Пас аз ду соли ҷарроҳӣ вай бори нахуст бо сафари ҳунарӣ ба Маскав омад.

Боз овози соҳир, нолаҳои ҷонгудози ҳофиз мухлисонро афсун кард. Гулдурроси кафкўбиҳо қатъ намегардид. Саҳна аз дастагулҳо пур шуда буд. Пас аз консерт Ботирро табибон ҳалқавор печонда гирифта, мегуфтанд: – «Чаро суруд хондӣ? Ту инсонӣ ё сеҳргар… Наход, ки ин худи ту бошӣ, Ботир?!»

Аз нақлҳои модари санъаткор Шоиста Саидова:

«То солҳои охир яке аз апаҳое, ки роҳбари мафкура ва ҳизб буд, ба мо бисёр зулму тааддӣ кард. Ҳамон апа дар солҳое, ки дар комсомол кор мекард, дар роҳи Ботир садду монеаҳои зиёд гузошт. Ба гастролҳо нафиристода, баъзе консертҳояшро бозмедошт. Ҳатто «Мюзикл холл»-ро, ки Ботир бо ҳазор азобу машаққат ташкил кард, тавонист пароканда созад.

Умуман, дар байни фарзандонам Ботир дигар хел буд. Ў ҳам дар ҳаёт ва ҳам дар санъат худро дареғ нadоштааст. Агар бемор шавад, ба ман маълум намекард. Бачаякам шаш бор ҷарроҳӣ шуда бошад ҳам, ягон дафъа шиква накардааст, нанолидааст. Ба дигарон зориву тавалло кардан, сар фуровардан ва хушомад гуфтанро дўст намедошт. Барои ҳамин соҳибмансабоне, ки дар идораҳои санъат кор мекарданд, вайро бисёр азият медоданд. Ботирҷонам дар эстрадаи ўзбек инқилобгар буд. Муҳимаш, вай дар ин мубориза пирўз гардид».

Оре, чуноне ки хоҳари санъаткор Луиза Зокирова



гуфтааст, бино ба амри яке аз котибони собиқи КМ ҲК Ўзбекистон «Мюзикл-хол» барҳам хўрд.

Ботир Зокиров ҳанўз умед аз дунё нагусаста буд. Вай барномаи рангини консертиро бо унвони «Монологи Шарқ» барои саҳна омода мекард. Аммо ин дафъа аҷали масхарабоз санъаткори бузургро аз байни миллионҳо мухлисонаш рабуд.

Ботир Зокиров дар байни санъаткорони шўравӣ нахустин санъаткоре буд, ки ду маротиба дар саҳнаи «Олимпия»-и Париж, ки дар он ситораҳои эстрадаи ҷаҳон Эдит Пиаф, Шарл Азнаур, Жак Брел, Мирей Мате суруд хондаанд, ҳунарнамоӣ кардааст.

Бисёр санъаткороне, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доштанд, аз ҷумла, Тамарахонум, Иосиф Кобзон, Ҷурабек Муродов, Михаил Улянов дар шаъни санъаткори нотакрор суханҳои нек гуфтаанд.

Аз ҷумла, Ҷурабек Муродов гуфтааст: «Санъаткори бузург Ботир Зокиров на фақат фарзанди азиз, ҳофизи маҳбуби халқи ўзбек, балки мардуми тоҷик ҳам буд. Ў овозхони нотакрорест, ки Шарқи моро бо сўзу гудоз тараннум кардааст. Ҳангоме ки бо сафари ҳунарӣ ба мамлакатҳои бисёри ҷаҳон меравам, мардум бо пазмонӣ вайро суроғ мекунанд. Ин бахтест, ки ба ҳамаи санъаткорон насиб намекунад. Ботир Зокиров ба мо сурудҳои шарқиёна, маданият ва дўстиро ба мерос гузошт».

**Ўктам ИБРОҲИМ.**

*ПАРИСО*

# МУСАВВИР



*Дар он домони пурахтар,*
*ки рўҳи шаб ба рўйи осмон*
*густурд*
*Ва дашти ахзариранг*
*анфоси нави Хизри*
*абадзинда ба бар бинмуд,*
*Биёсуд хоболуда.*
*Нигоҳам бол сўйи он ҷаҳон*
*бикшуду рўйи сафҳае торик*

*Ба ранги хандаи маҳтоб*
*тарҳе рехт*

*Ва дар он арш,*
*Ки бар андозаи сад фарсахи хобеву бедорист,*
*ману историаҳо он тарҳи шабро зинда месозем,*
*ба рўйи шонаи субҳе,*
*ки мерезад ба чашми оламиён нур аз заркосаи*
*Хуршед.*
*Ва дар он арш,*
*ки хокашро зулоли рўшноӣ пок бинмуда*
*ва обаш дар ҳавои меҳр полуда.*
*Ба чашмам манзаре аз хок мерўяд:*
*аҷаб шаҳре, ки сар то пост афсона...*
*Дар ин дунёи афсона*
*манам кадбонуи хона.*
*Ба рўйи суфраам шаҳманту месозам,*
*миёни тифлакони бекасукўе –*
*ба кафтарҳои беболу ғаминрўйи замин то ки кунам*
*қисмат.*
*Сипас аз лўлаҳои абр*
*Гирам пунбаву ресам ба мижгон риштаҳои меҳр.*
*Ва аз лабханди зарполудаи Хуршед*
*таҳи мўҳои маҷнунбед*
*бибофам шоҳӣ, то пироҳане бар пайкари урёни*
*тифлон дўзаму тақдим бинмоям.*
*Бинўшам хандаҳои ҳар яке чун ширaи шаккар,*
*бурун орам зи дил мурдоби ашку гўри ғам дигар.*
*Ва бар тифлони гунгу кар*
*садои обро бахшам,*
*забони осмони хобро бахшам*
*ва гўш аз пораи гўши Худо бидҳам.*
*Барои зулмати чашмони бетасвир*
*зиёву тобҳо бахшам зи нури арш,*
*ранги рўз,*
*ва ё худ ҷуфти ахтарро ба ҷойи чашмҳо бидҳам.*
*Гирифтам ранг аз рангинкамон,*
*то тифлаконро санъати Монӣ биомўзам.*
*Буридам коғази испед*
*пас мўйқалам аз кокулони шед,*
*кашидам баҳри тифлон сурате аз ранги нури*
*чашмаи уммед.*

## Насри ниёгон

### Гадой порчаи нон мехоҳад

Гадое бар сари сарое чизе хост. Кадхудои хона (соҳиби хона) аз дарун овоз дод, ки:

– Маъзур дор, ки хонагиён нестанд.

Гадо гуфт: – Пораи нон мехоҳам на суҳбат бо хонагиён.

Қитъа:

*Чун гадо бар сари*
*сарой расад,*
*Ҳар чӣ дорӣ бидеҳ,*
*баҳона макун.*
*То наёяд ба*
*хотираш чизе,*
*Пеши ў зикри аҳли*
*хона макун!*

### Падари бераҳм

Муаллимеро писар бемор шуд ва мушарраф бар мавт (марг) гашт. Гуфт:

– Ғассолро (мурдашўй) биёваред то ўро бишўяд.

Гуфтанд:

– Ҳанўз намурдааст.

Гуфт:

– Боке нест, он замон ки аз ғусл фориғ шавад, бихоҳад мурд!

Қитъа:

*Ҳар кӣ дар кори хеш*
*пеш аз вақт*
*Менамояд ба ҳукми*
*табъ шитоб.*
*Мехўрад рўза*
*норасида ба шаб,*
*Мекашад мўза*
*норасида ба об.*

### Маиб ҳамаро маиб мехоҳад

Кўзапуштеро гуфтанд, мехоҳӣ Худо пушти туро чун дигарон рост кунад, ё ин ки пушти дигаронро чун ту кўз созад?

Гуфт:

– Он ки ҳамаро чун ман кўз гардонад, то бо он чашме, ки эшон дар ман нигаристаанд, ман низ ба ҳамон чашм дар эшон бинигарам.

### Садои муғамбир

Аъробӣ шутур гум карда буд. Савганд хўрд, ки чун биёбам, ба як дирам бифурўшам. Чун шутурро биёфт аз савганд пушаймон шуд. Гурбаеро дар гардани шутур овехт ва бонг мезад, ки:

– Кист бихарад шутуре ба як дирам ва гурба ба сад дирам, аммо бе якдигар намефурўшам. Шахсе ба ин ҷо бирасид, гуфт:

– Чӣ арзон буде, ин шутур агар қилода (гарданбанд) дар гардан надоште.

Қитъа:

*Лаим гар ба шутур*
*бахшадат ато, маситон!*
*Ки ин зи одати аҳли*
*карам бурун бошад.*
*Қилодае, ки зи миннат*
*ба гарданаш бандад,*
*Ҳазор бор зи бори*
*шутур фузун бошад.*

**(Аз «Туҳфат-ул-аҳрор»-и Абдураҳмони ҶОМӢ)**

Таҳияи
**Ф. ҒОИБНАЗАР.**

## *Латифаҳо*

### Фармон

Ҳоким ба ҷонишини худ гуфт:

– Корманди боистеъдодтарини шаҳрро, ки аз ўҳдаи иҷрои кори ман мебарояд, зуд аниқ кунед.

– Хуб, баъд чӣ кор кунем?

– Аз кор холӣ кунед!

### Ҳусни хат

Сўҳбати ду марди ҳамсоя.

– Ман ҳам духтур шавам мешудааст.

– Чаро ин хел мегўед?

– Ҳусни хатам бад, ҳеч кас онро хондан наметавонад.

– Ин ба духтурӣ чӣ муносибат дорад?

– Охир хати онҳо ҳам безеб-ку. Як хатчаи маро ҳам бачаҳо ёфта, хонда натавонистаанд. Ретсепт гумон карда, ба дорухона баранд, як олам дору додаанд.

### Мори заҳрнок

Суҳбати ду мор.

– Мо хеле заҳрнок ҳастем?

– Бале, заҳрамон ба марг мерасонад.

– Ин хел бошад, ман мемурдаам-дия?

– Барои чӣ?

– Забонамро газидам.

### Одами даркорӣ

Шумо, ака, назару писанд накунед ҳам, мо одами баобрўву даркорӣ будаем! – бо ғурур гуфт марди ҳатўлкоре ба ҳамкораш.

– А?! Аз куҷо ба ин хел хулосаи нестдарҷаҳон омадед?

– Носи шефи калон тамом шудааст, сар хам карда ба наздам омаданд.

Таҳияи
**Далер АЗИЗОВ.**

# ИНШОИ ОЗОД ДАР МАВЗЎИ ИНСОФ

*(Лавҳаи бадеӣ)*

Мегўянд, ки инсоф чизест, ки дар бораaш бисёр мегўянду менависанд, аммо дар асл мавҷуд нест.

Бузургони ҷаҳон аз қадимулайём то кунун дар ҷустуҷўйи муайян кардани мазмуни инсоф заҳмати бисёре кашидаанд ва ҳанўз ба хулосае наомадаанд, ки чӣ тавр инсофро дар қолаби мантиқӣ ҷойгузин кунанд. Кормандони соҳаи тиҷорат, бизнес, масалан, то кунун онро рад мекунанд ва даъво доранд, ки инсоф бофтаи тафаккури одамон аст; файласуфон ва ахлоқшиносон дар он фикранд, ки инсоф мавҷуд ва онро бояд дар ботини худ, мисли зар, ҷустуҷў кард; имомони дину мазҳаб талқин мекунанд, ки инсоф аз арш ба фарш нозил мешавад ва тасодуфан бар касе бармехурад; сиёсатмадорон менависанд, ки инсоф як василаи назарфиребист ва ба он набояд бовар кард; сартарошон мегўянд, ки инсоф мисли сароб дар дашт аст, барои шикасти ташнагӣ наздикаш равӣ, аммо он дуртар меравaду меравад ва ғайра.

Дар замони мо дар Ҷопон, масалан, ихтироъкорони роботҳои гуногун дар кўшиши онанд, ки чӣ тавр инсофро ёфта, дар «қалби» роботи оҳанин ҷойгузин кунанд, вагарна робот одамро ғуломи худ мегардонад, фиребгарӣ, ришваситонӣ ва беинсофиро дар ҷомеа густурдатар мекунад.

Бо вуҷуди ҳама гуфтаниҳо, инсоф рост ё дурўғ, мустақим ё ғайримустақим дар ҳар як давру замон бо вижагиҳои худ зуҳур мекунад ва сифати баланди ахлоқии шахс дониста мешавад. Принсипи асосии инсоф бародарию баробарист. Вақте ки ин принсип халалдор шуд, аз инсоф чизе боқӣ намемонад. Беинсофӣ натанҳо ҳувияти шахсро нобуд месозад, балки пойдории давлатро ҳам суст мекунад, давлатдориро насх карда, зери по мекунад, фасоду ғоратгариро пеша мекунад, маъсулиятро дар назди миллату ҷомеа ба коми фаромушӣ мебарад.

Мегўянд, ки беинсофӣ дар намуди фасод (коррупсия) ба мисли аждаҳои афсонавист, ки агар як сарашро бурӣ, дар ҷояш боз ду сари дигар пайдо мешавад. Инсоф миллӣ ҳам мешавад. Дар баробари табоҳ шудани инсофи фардӣ, инсофи миллӣ ҳам фалаҷ мешавад.

Дар даврaи рақобати шадиди бозорӣ ва тамаддуни иттилооти рақамӣ беинсофӣ дар бисёр намуд: ришваситонӣ, ғофилӣ, бесалоҳиятӣ, бемасъулиятӣ зуҳур меёбад. Беинсофӣ сифати вололи инсониро хароб мекунад, манфиати эгоистии шахсро дучанд карда, онро аз ҳама чиз волотар медонад. Дар натиҷа чоплусӣ, шахспарастӣ, фиребгарӣ, пешвогароӣ авҷ мегирад.

Хулоса, барои он, ки дар дили одамон инсофро ҷойгузин кунӣ, бояд, ки ба қавли Ҳофиз:

*Одамӣ дар олами хокӣ намеояд ба даст,*
*Одаме аз нав бибояд сохт в-аз нав оламе.*

Аммо, афсус, ки чунин кор ғайриимкон аст.

**Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,**
*ш.ТОШКАНД.*

# САДОҚАТИ ДЕРМОНДА

(Аввалаш дар саҳ.3).

Вақт чун аспи бодпо мегузашт. То нафас рост мекунем гуфтанд, ки панҷ моҳ сипарӣ гардид. Собит гоҳ-гоҳ ба хоҳаронаш занг мезаду Моҳтобхола хату хабарро дар бораи фарзандаш аз духтаронаш мешунид. Мутаассифона, бо мурури вақт саломатии хола низ бад шуд. Ғами мусофирати писар ўро рўз то рўз коставу пир месохт. Оқибат бистарӣ гашт.

– Худоё, худат раҳм кун, ки ҳолати пештара такрор наёбад. Наход Собитҷон дар маъракаи ман низ иштирок накунад? Ба чашми некат бин, Парвардгоро! Кампирро рўзҳои охир ваҳм зер карда буд. Сахт метарсид ва бештар аз ҳаққу ҳамсояҳо шарм медошт. Агар Собитҷонаш дар ҷанозаи ў иштирок накунад, чӣ гуфтагӣ одам мешавад? «Ба ҷойи чунин фарзанд сагеро тарбият мекардӣ беҳтар набуд? Вай умре ба соҳибаш вафодор мемонад», – намегўянд? Ин мегуфт ва гўё дилашро гургон тала мекарданд.

Ҳеч кас сутуни дунё нашудааст, дер ё зуд ҳама ин дунёи фониро тарк мегўяд. Моҳтобхоларо низ марг гиребонгир буд, вале дилкашолӣ ба писараш ин ҳолро гўё ақиб мепартофт. Хоҳаронаш чанд бор занг зада Собитро огоҳ карданд, ки зудтар ба хона баргардад, аҳволи модараш бад аст. Вале аз Собит дарак набуд.

Яке аз рўзҳои баҳорон, ки табиат оламро бо чодари сабз пўшида буду дарахтон ғарқи гулу ғунчабандӣ буданд, холаи Маҳтоб ин олами ҳастиро бо ғаму андўҳи зиёд тарк гуфт. Муллои деҳ пеш аз хондани ҷаноза садо баланд кард: «Холаи Маҳтоб дар зиндагии хеш агар ба касе қарз дода бошад ё худ қарз гирифта бошад, қарз бояд бо гувоҳҳо пардохта шавад. Барои хола кӣ кафил мешавад?

Ҳама дар ҳайрат буданд, ки ба ҷойи писари хола кӣ кафилиро ба гардан мегирад. Имом суханашро такрор кард:

– Бигўед, ин вазифаро кӣ ба ўҳда мегирад? Ин дам аз пушти пардаи карбосӣ, ки занонро аз мардон ҷудо карда меистод, овози занонае баланд шуд:

– Ман кафилиро барои қарзи модарам ба гардан мегирам!

Соҳиби овоз духтараш Роҳила буд. Пас аз ин гуфта ҷанозаи модар хонда шуд.

Издиҳоми мардум сўйи қабристон ҳаракат мекард ва бештар ҷавонмардон пойи тобутро, навбат ба навбат, ба китф мегирифтанд. Аммо дар байни онҳо ҷигарпорааш Собит набуд. Касе дар дастонаш асо «Модарҷонам, очаҷонам, меҳрубонам, ғамхоракам, дуогўям», – гўён садо баланд намекард. Оне, ки ин амалро бояд иҷро мекард, дар кишвари бегона ба дунболи пулу сарват мегашт.

Дар паҳлўи қабри Икромамак қабри дигаре рўйид, ки бо намои худ аз дигар қабрҳо фарқ мекард. Сангчаҳои рўйи қабр гўё аз барои майит тасбеҳ мегардонданду чўбдасти ба хок халондашуда нишонае буд аз қабри модар. Баъди тиловати ояҳои Қуръон ва дуоҳои хайр дар ҳаққи гузаштагон, одамон қабристонро тарк гуфтанд.

Баъди ду моҳи ба хок гузоштани модар Собит пайдо шуд. Вақте ба ҳавлӣ даромаданӣ шуд, дарвозаро баста дид. Вай аз девор шорида фуромаду рўйи ҳавлӣ қадам зад. Ҳавливу хона ба назараш ҳузнангезу бенур тофт. Дарк намуд, ки чанд вақт инҷониб касе ин ҷо қадам нагузоштааст. Дигар ин ҷо садои падару модараш баланд намешуд, рўйи нуронии онҳоро намедид. Аввалин бор дилаш бухс карда аламаш омад ва рўйи айвон нишаста ҳунгосзанон гиря кард. Такрор аз болои девор шорида роҳи қабристонро пеш гирифт. Сари қабри падару модараш (хоҳарон дар паҳлўйи қабри падар гўронида шудани модарашонро бо телефон расонда буданд) ба зону нишаста ба сукут рафт. Сипас, китфонаш ба ларзиш даромада, ашкаш рўйи хоки қабр рехт. Собит гуноҳҳояшро гўё дарк карда буд. Мақсад гузошт, ки рўйи қабри волидайнаш санги ёдгорӣ гузошта, оши худоӣ медиҳад.

Вай вақте дар кўчаҳои деҳ қадам мезад, ҳис мекард, ки мардум ба ў бо кароҳат нигоҳ мекунанд. Кушоду рўшан нагўянд ҳам аён буд, ки аз чунин фарзанд нафрате дар дил доранд. Салому алейк ва пурсупосҳояшон низ сохта ва рўйидилакӣ ба назар менамуд. Собит ба назди Ҳошими сангтарош рафта, ба падару модараш санги ёдгорӣ фармуданӣ шуд. Вале сангтарош бо баҳонаи он ки алҳол сангҳояш томом шудаанду саломатиаш ҳам хуб нест, илтимоси ўро рад намуд. Баъди ин вай хост, ки тагале харида оши худоӣ ташкил кунад. Бо ин мақсад гўсфандеро кушта дар деги калон ош дам кард. Аҳли деҳ, хешовандон, ҳамсояҳоро ба оши худоӣ хабар кард. Вале афсўс, ба маъракаи ў нияткарда касе наомад. Дасторхон бекас монду ош сард гашт. Садоқати дермондаи писар дигар таъсире надошт. Ў рўйи ҳавлии падар танҳо монда буд.

**Раҳматуллоҳи ШОҲИМАРДОН,**
*ноҳияи БОЙСУН.*

# ҲИКОЯҲОИ ИБРАТАНГЕЗ АЗ РЎЗГОРИ АДИБОНИ ҶАҲОН

### Лорка дар бораи лўлиён

Шоири испан Гарсиа Лорка дар ҳавои сурудҳои қадимии халқи андалус шеър навишта, машҳури ҷаҳон гардид. Ў аз адибонест, ки дар эҷоди худ ба анъанаҳои адабии Шарқу Ғарб ҳамоҳангӣ бахшидааст. Лорка дар мақолаи худ «Кенте Хондо – сурудҳои андалус» эътироф намудааст, ки ин оҳангҳои нодир ба эҷодиёти даҳонакии халқи ҳинд иртибот дорад. Бино ба фикри ў, сурудҳои Кенте Хондо бо лўлиён ба Испания ворид шудаанд.

– Ҷустуҷўҳои Мануэл де Фале, ки донандаи хуби таърихи маданияти мусиқӣ аст, собит менамоянд, ки лўлиён аз қавмҳои ҳиндиянд, – мегўяд Гарсиа Лорка. – Бино ба фикри ў, дар соли 1400 (аҳди мо) қабилаҳои лўлӣ аз сарзамини Ҳинд ба сартосари олам паҳн шудаанд. Баъди бист соли дигар қавмҳои лўлӣ аз дарёҳои Арабистону Миср убур карда, ба кишварҳои Аврупо, аз ҷумла, Испания ворид шудаанд.

### Сарвати Артюр Рембо

Шоири шинохтаи франсуз Артюр Рембо 20 октябри соли 1854 дар шаҳри Шарлевили Фаронса дида ба дунё кушодааст. Ў 10 ноябри соли 1891 новақт аз дунёи рўшан чашм пўшид.

Шоире, ки аз 7-солагӣ ба навиштани шеър шурўъ карда буд, ҳамагӣ дувоздаҳ сол бо эҷод сарукор дошт. Дар шеъри худ «Шоирони ҳафтсола» бачагии нокоми хешро ба риштаи тасвир кашидааст. Ў ба шеъри охирини худ моҳи августи соли 1873 нуқта гузошта буд.

Артюр Рембо, сарфи назар аз ҷавонӣ, ба сифати шоир барвақт шуҳрат пайдо кард. Бо адабиёт низ хеле барвақт падруд гуфт. Баъди соли 1873 то дақиқаҳои охирини умр, умуман, бо эҷод машғул нашуд.

Артюр Рембо, бо орзуи афзудан ба дороии худ шаҳру биёбонҳои Миср, Арабистон ва Эфиопияро пайгирона пушти сар гузошт. Вале ба мақсад нарасид. Дар асл ў дар овони наврасӣ ба дороӣ расида буд, ки он шеъри нодиру нотакрори Артюр Рембо мебошад.

### Нахустин китобе, ки Гарсиа Маркес мутолиа кардааст

Нависандаи шинохтаи Колумбия, барандаи мукофоти Нобел, муаллифи асарҳои сатҳи ҷаҳонии «Сад соли танҳоӣ», «Тирамоҳи Бузрук», «Ба полковник ҳеҷ кас нома наменависад» – Габриэл Гарсиа Маркес низ рўзгоре бача буд.

Падару модари ў соҳиби даҳ фарзанд – чор духтар ва шаш писар буданд. Вай 6 марти соли 1927 ба сифати фарзанди калонӣ ба дунё омадааст. Адиби оянда бачагии саршор аз орзую ҳавасҳо дошт.

Вақте овони наврасӣ падараш аз зарурати соҳиби ин ё он касбу кор шудан ҳарф мезаду гоҳо ба ў тазйиқ меовард, ба модараш рў оварда гуфт:

– Ба падарам бигў, мақсади ягонаи ман нависанда шудан аст. Дар ин роҳ ҳеч кас наметавонад бароям монеа эҷод кунад. Маркес вақте хонданро омўхт, китоби чангзадаеро, ки ними варақҳояш набуданд, аз анбори бобояш дастрас намуда, бо иштиёқу дилгармии зиёд ба хондан шурўъ кард. Яке аз меҳмонон, вақте ба китобхонии ў мутаваҷҷеҳ шуд, гуфт: «Ин бача дар оянда нависанда мешавад!»

Нависанда дертар бо шукргузорӣ аз ин китоб дар ёддоштҳои худ «Зистан барои ҳикоя кардан аз ҳаёт» менависад, ки он китоби бобояш «Ҳазору як шаб» ном дошт. Китоби дуюме, ки Маркес бо иштиёқи баланд хондааст, туҳфаи бобояш – китоби бузургҳаҷми луғат буд.

Нависанда дар ин хусус навиштааст: «Ман ин китобро, мисле ки романеро хонда истода бошам, бо завқ мутолиа намудам».

Тарҷума ва таҳияи **КОМРОН.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-625. Адади нашр 4812 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.